**МУРОД МУРОДӢ – БАРАНДАИ ҶОИЗАИ БА НОМИ М. ШЕРАЛИЗОДА** с. 8

**ХОМАНАӢ ПЕШНИҲОДИ ТРАМПРО РАД КАРД** с. 4

**НАРХИ ГӮШТ ТАНЗИМ МЕШАВАД?** с. 5


# ТОҶИКИСТОН

№11 (1625), 12.03.25 РӮЗНОМА ЗИЁД, «ТОҶИКИСТОН» ЯКТОСТ! Оғози нашр соли 1992






# ҲАҶ - 2025

## Нархи сафар ва шартҳои он маълум шуд






**ДАР ИН ШУМОРА:**


**ТОҶИКИСТОН – ҚИРҒИЗИСТОН**
Баъди 4 сол марз боз мешавад с.2

**УТИЛИЗАТСИЯ**
Нархи нав барои мошинҳои воридотӣ с.3

**ОТАШБАС**
Украина розӣ шуд, Русия чӣ? с.4

**ДУШАНБЕ-ПЕКИН**
Парвозҳо барқарор мешаванд с.5

**РӮЗИ МАТБУОТ**
Дар ҷустуҷӯйи Саидшои журналист с.6

**АФСОНАИ КӮҲӢ**
Ҳоли табоҳи як осоишгоҳ с.7

**ҶОЙИ КОР**
Чаро квота ба маъюбон дастрас нест? с.11

**КАНЗИ ШИФО**
7 фоидаи хурмо с.12

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## АНҶОМИ 50%-И КОРҲОИ СОХТМОНӢ ДАР «РОҒУН»

**То имрӯз беш аз 50% корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд.**

Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун» гуфт, ки имрӯзҳо бунёди неругоҳи барқи обии «Роғун» бо суръати баланд идома дорад.

«Дар ду соли охир ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 9 миллиард сомонӣ харҷ гардидааст»,- гуфт Қоҳир Расулзода.

Номбурда таъкид кард, ки то имрӯз беш аз 50 фоизи корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки раисии Шурои нозирони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Роғун»-ро Қоҳир Расулзода бар зимма дорад.

## ҲУШДОР БА ҲАМВАТАНОН

**Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон дар Русия ба шаҳрвандон ҳушдор дод, ки ҳангоми сафар ба ин кишвар ё бозгашт ба Ватан дар фурудгоҳҳо аз қабули бағоҷ, ҳуҷҷатҳо ва дигар ашё аз шахсони ношинос худдорӣ намоянд.**

Инчунин, ин ниҳод аз муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони муқими Русия даъват кард, ки ҳангоми сафар дар дохили ин кишвар низ бағоҷи шахсони бегонаро қабул накунанд.

Ба гуфтаи намояндагии вазорат, муҳоҷироне, ки ба фаъолияти таксиронӣ ё хизматрасонии интиқоли фармоиш машғуланд, бояд пеш аз қабули бор чӣ будани онро пурсон шаванд. Инчунин, шаҳрвандон бояд аз интиқоли ашёи мамнуъ ва ғайриқонунӣ худдорӣ кунанд.

## ПЕШНИҲОДИ НАВИ ТОҶИКИСТОН ДАР СММ

**Дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар Ню-Йорк бо ташаббуси Тоҷикистон ҷаласа баргузор шуд, ки дар доираи он қатънома оид ба зеҳни сунъӣ пешниҳод гардид.**

Дар ин чорабинӣ ҳайати Тоҷикистонро Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нав, Хуршед Мирзо, директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷонибек Ҳикмат, намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ намояндагӣ карданд.

Гуфта мешавад, ки яке аз ҷузъҳои асосии қатънома таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ ва дастгирии стартапҳо дар Осиёи Марказӣ мебошад.

## ХОНАНДАГОНИ МАКТАБ 10 РӮЗ ИСТИРОҲАТ МЕКУНАНД

**Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки таътили баҳории хонандагон расман 5 рӯз - аз 25 то 29-уми мартро дар бар мегирад. Аммо бо дарназардошти рӯзҳои истироҳатии ҷашни Наврӯз (аз 21 то 24-уми март) ва рӯзи якшанбеи 30-юми март онҳо дар маҷмуъ 10 рӯз аз дарсҳо озод хоҳанд буд.**

Ба ин асос, таътили баҳории мактаббачагон аз 21-уми март оғоз ёфта, то 30-юми март идома меёбад. Инчунин, Вазорат таъкид кардааст, ки дар сурати рост омадани Иди Рамазон ба рӯзи корӣ, масалан 31-уми март, он рӯз низ хонандагон аз таҳсил озод хоҳанд буд.



## САФАРИ ПРЕЗИДЕНТ БА ҚИРҒИЗИСТОН

**12-уми март Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон барои анҷоми сафари давлатӣ ба Қирғизистон сафар кард.**

Бино ба иттилои дафтари матбуоти Сарвари давлат, дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро гурӯҳи калони ҳайати расмӣ аз ҳисоби роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ доранд.

Дар ҷараёни ин сафар роҳбарони ду кишвар масъалаҳои рушди муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкории гуногунҷанбаро баррасӣ хоҳанд кард. Инчунин, қарор аст, ки дар поёни мулоқот чанд санади нави ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Қирғизистон ба имзо расад.

*(Нигаред ба саҳ. 3)*

## САРИ САБЗ



**Мавлона НАҶМУДДИНОВА,**
**ҳунарпешаи театр ва синамо**

**- Агар ҳунарманд дар филме, ки ҳунарнамоӣ мекунаду нақши худро ба зиндагии худ тавъам накунад, он гоҳ аз уҳдаи ин нақш наметавонӣ баромад. Зеро дар театру кино нақш бозидан ба зиндагии ҳар як ҳунарманд вобастагии калон дорад.**

*- Аз ин нуқтаи назар, кадом филми тоҷикиро метавон филми хубу дар дараҷаи олӣ гуфт? Яъне, кадом ҳунармандро ном бурда метавонем, ки нақшро ба зиндагиаш тавъам карда бошад?*



**Тӯхтамиш ТӮХТАЕВ,**
**шоири маъруфи тоҷик**

**- Мутаассифона, бисёр шоирони мо аз даврони хеш не, балки аз замони ҳатто барои ҳафт пушти худ дуру бегона шеър мегӯянд. Камина дар ҳама навъи шеъри форсӣ, аз ҷумла шеъри наву сафед, чаҳорпораву озод ва ғайра низ шеър гуфтаам.**

*- Дидед, худатон ҳам дар ҳама навъи шеъри форсӣ шеър гуфта будаед ку! Шояд он шоирони мо бо дарназардошти шеъри наву сафеду озод аз замонҳои гуногун шеър гуфта бошанд...*



**Шероз МИРПОЧОЕВ,**
**мухассили зинаи магистрӣ**

**- Имкониятҳои гуногунеро дар шакли барномаҳои таълимӣ ҷустуҷӯ кунед, ки имрӯзҳо хеле зиёданд. Ба ҳамааш дархост фиристед, ба худ бовар кунед, аммо албатта аввал тарафҳои қавӣ ва сустиҳои худро хуб ба назар гиред, дар асоси ин, қарор қабул намоед.**

*- Ин хел намешавад, ҷаноби мутахассис. Агар ки маслиҳату тавсия доданиед, ягон барномаи хуби дақиқро пешниҳод намоед. Вагарна, ба ҳама барномаҳо дархост фиристодаву ба ягон қарор намеоем.*



# УТИЛИЗАТСИЯ

## Нархи нав барои мошинҳои воридотӣ

**Нобудсозӣ ё худ “утилизатсия”-и воситаҳои нақлиёти воридшаванда дар назар аст, ки аз 375 сомонӣ барои мотосиклҳо ва мопедҳо то 16 200 сомонӣ барои мошинҳои боркаш ва тракторҳо расад. Барои воситаҳои нақлиёти дар дохили кишвар қарордошта пардохт ба андозаи пешин, яъне аз 375 сомонӣ то 3 ҳазор сомонӣ боқӣ мемонад.**

### ҚАРОР ИМЗО ШУД

Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 26-уми феврали соли 2024 вобаста ба нобудсозии нақлиёт барои корбарӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол гардидааст. Аз чумла, дар замимаи ин қарор зикр мешавад, ки меъёри пардохт барои нобудсозӣ ё “утилизатсия”-и воситаҳои нақлиёте, ки ба ҳудуди гумрукии Точикистон ворид мегарданд, иваз мешавад.

Дар он ба таври мушаххас намуди воситаҳои нақлиёт ва ҳаҷми пардохт бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо ишора ба “меъёрҳои пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Точикистон воридшаванда” дарҷ шудааст.

Қарор 26-уми феврали соли ҷорӣ таҳти №96 имзо шуда, он пас аз 1 моҳи нашри расмӣ мавриди амал қарор мегирад.

Дар ҳамин ҳол, дар махзани ягонаи иттилоотӣ ва ҳуқуқии Вазорати адлия қарори дигаре дар бораи нобудсозии нақлиёт нашр шудааст, ки тибқи он Хадамоти гумрук минбаъд аз воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ҳудуди Тоҷикистон воридшаванда маблағи нобудсозиро ба таври ғайринақдӣ меситонад.

Ҳамчунин, дар ин қарор гуфта мешавад, ки мақомоти бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) аз воситаҳои нақлиёти автомобилии дар ҳудуди Точикистон қарордошта ҳангоми гузаронидан аз муоинаи техникӣ маблағи нобудсозиро меситонад. Яъне, аз нақлиёте, ки аз хориҷи кишвар ба Тоҷикистон ворид мешаванд, Хадамоти гумрук бо нархҳои нав, аз 375 сомонӣ то беш аз 16 ҳазор сомонӣ вобаста ба навъи мошин ва аз нақлиёте, ки дар дохили кишвар қарор доранд, БДА бо нархи муайяншудаи пешина, яъне аз 375 сомонӣ то 3 ҳазор сомонӣ вобаста ба навъи автомобил барои нобудсозӣ маблағ меситонанд.

### МАБЛАҒРО КӢ МЕСИТОНАД?

Ҳамин тариқ, аз мошинҳои ба ҳудуди Точикистон воридшаванда Хадамоти гумрук ба ҳаҷми зерин вобаста аз навъи воситаи нақлиёт маблағ барои нобудсозии мошин меситонад:

*- барои мотосиклҳо, мопедҳо, мотороллерҳо - 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (375 сомонӣ);*

*- ядакҳо, нимядакҳо - 45 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (3 375 сомонӣ);*

*- барои тракторҳо, тракторҳои боркаш - 72 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (5400 сомонӣ);*

*- барои мошинҳои сабукрав ва нақлиёте, ки аз 10 одам бештар мекашонанд, аз ҷумла автобус ва троллейбусҳо - 216 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (16200 сомонӣ);*

*- барои автомобилҳои сабукрав ва воситаи нақлиёти дигар, ки асосан барои ҳамлу нақли одамон пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла микроавтобусҳо ва мошинҳои пойга - 144 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (10800 сомонӣ);*

*- барои воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки барои интиқоли моланд, аз ҷумла самосвалҳо, автофургонҳо - 216 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (16200 сомонӣ);*

*- барои воситаҳои нақлиёти таъиноти махсус, аз ҷумла автокранҳо, мошинҳои сӯхторхомӯшкунӣ, бетономехтакунҳо, мошинҳои пармакунии автоматӣ, мошинҳои роҳтозакунӣ, мошинҳои обшӯӣ, устохонаҳои таъмири автомобилҳо, мошинҳои дорои таҷҳизоти рентгенӣ - 216 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (16 200 сомонӣ);*

*- барои мошинҳои худгарди дорои таъиноти саноатӣ, ки дар коргоҳҳо, анбор, бандарҳо ё фурудгоҳҳо барои кашонидани бор ба масофаҳои кутоҳ истифода мешаванд, аз ҷумла тракторҳое, ки дар платформаҳои стансияҳои роҳи оҳан истифода мешаванд - 216 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (16 200 сомонӣ);*

*- барои мошинҳои борбардор, мошинҳои борбардор бо борқапи шохагӣ - 216 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (16 200 сомонӣ);*

*- барои булдозерҳо, грейдерҳо, экскаваторҳо, ҳамворгардонҳо, мошинҳои шиббакунӣ - 216 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (16 200 сомонӣ).*

*Ҳамчунин, соҳибони воситаи нақлиёти дар кишвар қарордошта чун пешина ба ҳаҷми зерин маблағи нобудсозиро ба БДА пардохт мекунанд:*

*- барои соҳибони мотосиклҳо пардохти ҳатмӣ барои нобудсозӣ 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (375 сомонӣ);*

*- барои мошинҳои сабукрав ва нақлиёте, ки аз 10 одам бештар мекашонанд, 22 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (1650 сомонӣ);*

*- барои камаз, кранҳо ё воситаҳои нақлиёти гаронвазн 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (3000 сомонӣ).*

Ёдрас мешавем, ки 26-уми декабри соли 2023 парлумони Тоҷикистон дар як ҷаласаи худ тағйиру иловаҳо ба қонун дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро қабул кард, ки дар асоси он супоридани маблағ барои нобудсозии нақлиёт ҳатмӣ шуд.

Танҳо дар як сол аз ин ҳисоб ба буҷети кишвар 1,7 млрд сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Аммо то ҳол барои нобудсозии нақлиёт дар кишвар майдон ё полигон сохта нашудааст.

Ҳамин тавр, тағйироти нав асосан ба соҳибони воситаҳои нақлиёт таъсир мерасонад, ки нақлиёти худро аз хориҷи кишвар ворид мекунанд.

# БАЪДИ 4 СОЛ МАРЗ БОЗ МЕШАВАД

**Марзи Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки қариб 4 сол ба ин сӯ баста буд, 13-уми марти соли 2025 боз мешавад. Дар ин бора Sputnik дар такя ба манобеаш аз ҳукумати вилояти Суғд хабар медиҳад.**

Гуфта мешавад, ки ҳокимони Суғду Бодканд барои кушодашавии марз дар назди гузаргоҳҳои наздимарзии “Гулистон”-и Исфара ва “Қизил Бэл”-и Бодканд омодагӣ мегиранд. Ифтитоҳи расмии гузаргоҳҳои марзӣ аз ҳарду ҷониб бо ҳузури мақомоти баландпоя ва марзбонон сурат мегирад. Ҳамчунин, зикр мешавад, ки президентҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар ин маросим ба таври маҷозӣ ширкат мекунанд.

Ёдовар мешавем, ки марзи Тоҷикистону Қирғизистон баъди даргирии марзии моҳи апрел-майи соли 2021 баста шуда буд.

# АФЗОИШИ ТАВЛИДИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ

**Ҳаҷми тавлидоти саноатӣ дар Тоҷикистон дар моҳи январи соли 2025 афзоиш ёфтааст. Дар ин бора Агентии омори кишвар хабар медиҳад. Зикр гардид, ки суръати афзоиш дар моҳи аввали сол 16,1%-ро ташкил медиҳад.**

Гуфта мешавад, ки дар моҳи январ дар кишвар беш аз 3,7 ҳазор корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад. Мавриди зикр аст, ки шумораи бештари иншооти саноатӣ дар шимоли кишвар - дар вилояти Суғд ҷойгир шудаанд. Дар ин ҷо 1,2 ҳазор корхона кор мекунад, ки ин 32,8% шумораи умумиро ташкил медиҳад.

Дар вилояти Хатлон ин нишондод каме камтар аст - 870 корхона - 23,2%.

Дар Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 813 корхона фаъолият доранд, ки ин 18,7%-ро ташкил медиҳад.

Камтарин истеҳсолоти саноатӣ ба ВМКБ рост меояд. Моҳи январ дар ин вилоят ҳамагӣ 138 корхона фаъолият доранд.

Агентии омор қайд кард, ки дар моҳи январи соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 4,4 млрд, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16,1% афзуд.



**Ҳафтаи гузашта Доналд Трамп, президенти ИМА эълон кард, ки ба Эрон барои музокира сари барномаи ҳастаӣ нома фиристодааст. Вале Оятуллоҳ Алӣ Хоманаӣ, раҳбари олии Эрон рӯзи 8-уми март гуфт, ки бо ҳеч "кишвари зӯргӯ" музокира нахоҳанд кард.**

## Хоманаӣ пешниҳоди Трампро рад кард

Кохи Сафед дар посух ба изҳороти мақомоти эронӣ гуфтааст, ки мушкили барномаи ҳастаии Эрон агар бо роҳи музокира бо Амрико ҳал нашуд, аз роҳи низомӣ кор мегиранд.

Аббос Арокчӣ, вазири корҳои хориҷии Эрон рӯзи 10-уми март дар шабакаи иҷтимоии "X" навишт, "мо зери фишор ва иръоб музокира намекунем".

IRNA
The Islamic Republic News Agency

## Дар Сурия чӣ мегузарад?



**Вазъи Сурия пас аз сарнагунии ҳукумати Башшор Асад боз ноором шудааст. 6-уми март дар шаҳри Лозиқия миёни тарафдорони Асад ва низомиёни ҳукумати нав задухӯрди шадиде рух дод, ки боиси ноором дар кишвар шудааст.**

Паз аз сарнагунии Асад гурӯҳи "Таҳрир аш-Шом" ҳукумати Сурияро ба даст гирифта, Аҳмад Шаръ президенти ҳукумати муваққатӣ эълон шудааст.

Гуфта мешавад, ки дар задухӯрдҳо беш аз 700 сокини маҳаллӣ бераҳмона қатл шудаанд. Ҳамчунин, расонаҳои Сурия хабар медиҳанд, ки дар задухӯрдҳои ахир 125 низомии ҳукумати нав ва беш аз 148 низомии тарафдори Асад кушта шудааст.

РБК

# ОТАШБАСИ 30-РӮЗА

## Украина розӣ шуд, Русия чӣ мегӯяд?

**Ҳайати Украина дар поёни гуфтушунид бо намояндагони Амрико дар Арабистони Саудӣ рӯзи 11-уми март пешниҳоди Иёлоти Муттаҳидаро дар бораи оташбаси 30-рӯза дар набард бо Русия пазируфтааст.**

Натиҷаи нуҳ соат музокира дар шаҳри Ҷидда баъди камтар аз ду ҳафта ҷанги лафзии Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина ва Доналд Трамп, президенти Амрико чархиши шигифтангезе арзёбӣ мешавад.

Дидори пуртаниши ду раҳбар рӯзи 28-уми феврал дар Кохи Сафед сабаби қатъи ёриҳои низомии Амрико ба Киев гашт. Вашингтон ҳамчунин табодули маълумоти иктишофиро бо Украина маҳдуд кард.

Дар баёнияи муштараки ҳайатҳои Украина ва Амрико гуфта шудааст, ки "Киев омодагии худро ба қабули оташбаси фаврии 30-рӯза эълом дошт ва ин созиш метавонад тамдид шавад". Дар идома омадааст, ки Амрико ба Русия паёме хоҳад фиристод, чун "пазируфтани пешниҳоди оташбас аз сӯйи Кремл калиди расидан ба сулҳ аст".



Марко Рубио, котиби давлатии Амрико, ки ҳамроҳи мушовири амнияти миллӣ Майк Волтс дар музокирот дар Арабистони Саудӣ буд, гуфт, тарҳи оташбас барои тасмимгирӣ ба ҷониби Русия пешниҳод мешавад.

Мақомоти Русия борҳо гуфтаанд, ки хоҳони созиши ҳамаҷонибаи сулҳ ҳастанд, вале на оташбас ё созиши дигари муваққатӣ. Намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Русия рӯзи 11-уми март гуфт, ки тамос бо мақомоти Амрикоро дар чанд рӯзи оянда рад намекунад, аммо шарҳи бештар надод.

Ҳайатҳои Амрико ва Украина гуфтанд, ки аҳамияти ёриҳои башардӯстона бахусус дар замони оташбас, аз ҷумла табодули асирони ҷанг, раҳоии маҳбусони ғайринизомӣ ва баргардонидани кӯдакони украиниро, ки иҷборан бурда шудаанд, низ баррасӣ карданд.

Гуфта мешавад, ки дар сурати пазируфта шудани оташбас аз ҷониби Русия марҳилаи дуюми музокироти сулҳ оғоз хоҳад шуд.



## 2 КУШТА ВА 18 ЗАХМӢ

### Ҳамлаи бесарнишинҳои Украина ба Маскав

**Мақомоти Русия гуфтанд, ки Украина субҳи 11-уми март бо даҳҳо ҳавопаймои бесарнишин ба шаҳри Маскав ва вилояти ҳамноми он ҳамла кард. Гуфта мешавад, ки дар натиҷаи ин ҳамалот 2 нафар кушта ва 18 нафар захмӣ шуда, баъзе аз биноҳои истиқоматӣ ва иншоот осеб дидаанд.**

Вазорати дифои Русия гуфт, ки дар маҷмуъ 337 паҳподи Украинаро дар гӯшаҳои гуногуни кишвар задаву нобуд кардаанд. Маълум нест, ки дар ҳамлаҳои Украина чӣ қадар дрон ба кор бурдаанд, вале он яке аз ҳамлаҳои васеъмиқёси Украина ба қаламрави Русия дар чанд ҳафтаи гузашта ба ҳисоб меравад.

Аксу видеоҳои тасдиқношуда аз Маскав ва атрофи он нишон медиҳанд, ки ҳавопаймоҳои бесарнишин ба биноҳои истиқоматӣ зарба задаанд.

Украина масъулияти ҳамларо ба дӯш нагирифтааст.

Сергей Собянин, шаҳрдори Маскав дар Телеграм хабар дод, ки неруҳои Русия 91 ҳавопаймои бесарнишини Украинаро дар фазои Маскав нобуд кардаанд. Ӯ тасдиқ кард, ки порчаҳое аз дрони маҳвшуда ба боми бинои истиқоматӣ дар кӯчаи Домодедовская осеб расонидааст.

Русия низ дар рӯзҳои охир ҳамларо ба зерсохторҳои Украина ва ҳадафҳои ғайринизомӣ дар ин кишвар бештар кардааст.

Ҳамлаҳои густурда ба ҳамдигар дар замоне сурат мегиранд, ки мақомоти баландпояи Амрико ва Украина дар Арабистони Саудӣ ҷамъ омадаанд ва дар бораи роҳҳои поён додан ба ҷанги сесолаи Русия дар Украина суҳбат мекунанд.



**Роза Отунбоева, намояндаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид дар умури Афғонистон рӯзи 10-уми март дар Нишасти Шурои амнияти СММ аз он изҳори нигаронӣ кард, ки ҳамкории сиёсӣ бо Толибон самара намедиҳад. Ӯ гуфт, ки чунин сиёсат боиси тақвияти ифротгароён дар дохили ин гурӯҳ шуда метавонад.**

## Роза Отунбоева:

# ҲАМКОРИИ СИЁСӢ БО ТОЛИБОН САМАРА НАМЕДИҲАД!

Роза Отунбоева таъкид кард, ки Толибон ӯҳдадориҳои байналмилалии Афғонистонро ба шакли интихобӣ иҷро мекунанд ва баъзеи онҳоро ҳамчун дахолат ба ҳокимияти миллӣ рад менамоянд.

Дар ин нишаст намояндаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Дороси Шей таъкид кард, ки Толибон бояд ӯҳдадориҳои худро дар мубориза бо терроризм иҷро кунанд. Ӯ гуфт, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба нияти неки Толибон - раванди музокироти Давҳа шубҳа дорад. Дороси Шей гуфт, Амрико наметавонад ба гурӯҳе, ки шаҳрвандони амрикоиро ғайриқонунӣ боздошт мекунад ва ба ҳуқуқи мардумаш эҳтиром намегузорад, эътимод кунад.

Намояндаи Федератсияи Русия Василий Небензя дар ин нишаст гуфт, ки кишвараш ҷонибдори як равиши воқеӣ ва бо мувозинат нисбат ба Афғонистон аст, ки бояд бо ҳамкории амалгароёна ва гуфтугӯи сабурона бо онҳо идома ёбад.

**Милитсияи Душанбе давоми ҳафтаи охир алайҳи 10 нафар гӯштфурӯш барои беасос баланд бардоштани нархи гӯшт парвандаи маъмурӣ боз карда, онҳоро ҷарима кардааст. Дар ин бора Раёсати ВКД дар пойтахт хабар медиҳад.**



# 10 ГӮШТФУРӮШ ҶАЗО ГИРИФТАНД

## Оё нарх танзим мешавад?

Раёсати ВКД рӯзи 11-уми март хабар дода буд, ки дар пайи санҷиш дар бозор ва марказҳои савдо худсарона боло бурдани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ, махсусан болоравии нархи гӯштро мушоҳида кардааст.

“Аз ҷумла, зимни санҷиш муайян карда шуд, ки шаҳрвандон Ҷалилов Абдуғаффор, Келдияров Бобоҷон, Исмоилов Исомиддин, Каримов Аҳад ва Раҳимзода Азиз, ки дар маркази савдои “Баҳор”, “Садбарг” ва хиёбони Рӯдакӣ дӯкони гӯшт доранд, худсарона нархро қимат кардаанд. Нархномаи гӯшт дар дӯкони онҳо 75 сомонӣ навишта шудааст, вале ба шаҳрвандон як килограмми онро аз 95 то 100 сомонӣ ба фурӯш гузоштаанд”,- навиштааст РВКД дар пойтахт.

Рӯзи 12-уми март бошад, Раёсати ВКД дар Душанбе аз қонунвайронкунии Зокиров Хайриддин, Диллоев Меҳроб, Ҳоҷиев Шамсиддин, Файзуллоев Бурҳониддин ва Олимзода Бузургмеҳр, ки “ба фурӯши гӯшт машғуланд ва бо мақсади ба даст овардани манфиати молӣ нархро қимат намуда, ба қонуншиканӣ даст задаанд”, хабар дод.

Гуфта мешавад, ки алайҳи онҳо барои беасос баланд бардоштани нархҳо (моддаи 555-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ) парвандаи маъмурӣ боз шудааст.

Бар асоси моддаи 555-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон, ҷарима барои чунин қонуншиканиҳо вобаста ба мақоми шахс гуногун муайян шудааст:

- *аз 1 500 то 3 000 сомонӣ барои соҳибкороне, ки бо патент кор мекунанд;*
- *аз 3 750 то 4 500 сомонӣ барои шахсони мансабдор;*
- *аз 4 500 то 6 000 сомонӣ барои соҳибкороне, ки бо шаҳодатнома фаъолият мекунанд;*
- *аз 150 000 то 225 000 сомонӣ барои шахсони ҳуқуқӣ.*




То ҳол худи фурӯшандаҳо дар робита ба ин қазия вокунише нишон надодаанд. Бисёре аз тоҷирон болоравии нархро ба афзоиши арзиши воридот ва баланд шудани арзиши аслӣ рабт медиҳанд. Бо вуҷуди ин, мақомоти Тоҷикистон борҳо таъкид кардаанд, ки боло бурдани нархҳо беасос ҳисобида шуда, алайҳи чунин ҳолатҳо чораҳои қонунӣ андешида мешавад.

Ҳамасола дар остонаи моҳи Рамазон афзоиши нархи маҳсулоти ғизоӣ мушоҳида мешавад. Ба ин хотир, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои марбута талош доранд, ки пеши роҳи ин ҳолатро бигиранд. Пулиси Душанбе эълом доштааст, ки санҷишҳо минбаъд низ идома хоҳанд ёфт ва дар сурати ошкор шудани ҳолатҳои дигар, фурӯшандагон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ба иттилои Агентии омори Тоҷикистон, дар ду моҳи аввали соли 2025 нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Ҳарчанд сатҳи таваррум дар кишвар муътадил боқӣ мондааст, вале болоравии нархи ғизо, бахусус гӯшт, равған ва сабзавот мушоҳида мешавад.

Тибқи омори расмӣ, нархи гӯшти гову гӯсфанд дар муқоиса бо моҳи январи соли 2024 то 25% боло рафтааст. Ба ҷуз аз гӯшт, маҳсулоти дигари ниёзи аввал низ гарон шудаанд:

*Равғани пахта - +20,5%;*
*Равғани офтобпараст - +9,3%;*
*Шир - +7,7%;*
*Сабзӣ - +37,8%;*
*Карам - +47%.*

Дар ҳамин ҳол, баъзе маҳсулот арзон шудаанд, аз ҷумла:

*Лимӯ - (-48,3%);*
*Ангур - (-33,9%);*
*Орди навъи якум - (-9,8%).*

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

# ДУШАНБЕ - ПЕКИН

## Парвозҳо барқарор мешаванд

**Тоҷикистону Чин ният доранд, ки парвозҳои мустақимро байни шаҳрҳои Душанбе ва Пекин барқарор кунанд. Ин масъала 11-уми март дар мулоқоти роҳбари Агентии авиатсияи граждании Тоҷикистон Ҳабибулло Назарзода бо сафири Чин дар Тоҷикистон Тсзи Шумин мавриди баррасӣ қарор гирифт.**



Тибқи иттилои Агентии авиатсияи гражданӣ, ҷонибҳо ба густариши ҳамкориҳо дар бахши авиатсия ва кушодани хатсайрҳои нав таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Сафири Чин иброз дошт, ки кишвараш ният дорад хатсайрҳои мустақими бештарро аз шаҳрҳои дигари Чин ба Тоҷикистон роҳандозӣ кунад.

Хатсайри ҳавоӣ байни Душанбе ва Пекин бори аввал соли 2016 роҳандозӣ шуда буд, аммо бо сабабҳои гуногун чандин маротиба қатъ гардид. Пас аз хуруҷи пандемияи COVID-19, танҳо хатсайрҳои Душанбе - Урумчӣ ва Хуҷанд - Қошғар барқарор шуданд.

Гуфта мешавад, ки барқарор кардани хатсайри Душанбе - Пекин метавонад ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, афзоиши шумораи сайёҳон ва таҳкими равобити тиҷоратӣ байни ду кишвар мусоидат намояд.

## РЕЗААХБОР

Рӯзи 11-уми март Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ дар Душанбе нишасти маҷозӣ бахшида ба Рӯзи гиромидошти Ҳаким Низомии Ганҷавӣ баргузор кард. Ба иттилои роҳбари пажӯҳишгоҳ Ҳусейн Алӣ Раҳимӣ, дар ин ҳамоиш устодону донишмандони Эрону Тоҷикистон, аз ҷумла доктор Ҳаддоди Одил, Саид Шағиёниён, Абдухолиқ Набавӣ ва Аскар Ҳаким суханронӣ карданд.

***

Рӯзи 11-уми март дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо тамошои дастҷамъонаи толори «Ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ва ҳифзи пиряхҳо» баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ, ки бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе сурат гирифт, намояндагони мақомоти давлатӣ, кормандони соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг, инчунин донишҷӯён иштирок карданд.

***

Киностудияи "Тоҷикфилм" хабар медиҳад, ки дар ҳамкорӣ бо Сафорати Тоҷикистон дар Малайзия ҳафтаи синамои тоҷикро дар ин кишвар ва инчунин дар Индонезия ва Тайланд баргузор мекунад.

Дар доираи ин чорабинӣ тамошобинон метавонанд филмҳои истеҳсоли Тоҷикистонро бо зерматни англисӣ тамошо кунанд.

***

Дар шоҳроҳи «Душанбе-Кӯлоб-Кулма» нуқтаи боркашонӣ бо таҷҳизоти вазнченкунии муосири истеҳсоли Чин муҷаҳҳаз гардида, ба шабакаи рақамии Вазорати нақлиёт пайваст шуд. Тибқи нақша, то охири соли 2025 дар чандин нуқтаҳои боркашонии кишвар чунин таҷҳизот насб карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон шабакаи ягонаи назорати рақамии вазни мошинҳои боркаш фаъол мегардад, ки имкони назорати қатъии ҳаракати онҳо дар роҳҳоро фароҳам меорад.



**Бо шарофати нишастҳои матбуотӣ шабе ҳамроҳи директори мактаби деҳаи Туто Фаррух Исмоилов дар хонаи муаллим Бердӣ Шоев меҳмон шуда, аз ҳар хусус суҳбат доштем. Аз паҳлавониҳову майдондориҳояш гуфту гап болои шаҳидони роҳи озодӣ, барқароркунандагони сохти конститутсионӣ омад. Вақте дар ҷустуҷӯи журналисти ҷонфидо Саидшо Саидов буданиамро изҳор кардам, акои Бердӣ афзуд, ки ин ҷавон аз деҳаи Лангар буда, модараш сиҳату саломат онҷост.**

# ДАР ҶУСТУҶӮИ САИДШОИ ЖУРНАЛИСТ

Рӯзи 13-уми феврал роҳи деҳаи қадимаи Лангари Шоҳони Муъминободро пеш гирифтем.

Модари Саидшо - апаи Гулистон дар ҳавлиашон набудааст. Ба хонаи писари чорумаш Ҳусейн, ки дар поёни мактаби деҳа воқеъ аст, рафта будааст. Ҳамроҳи омӯзгори физика Қобил Ҳабибуллоев он ҷо раҳсипор шудем. Зани резаандоми кушодчеҳраи 79-80-сола пешвозамон баромад.

Апаи Гулистону шавҳараш аз мардуми Дарвозанд. Бо амри тақдир бо Назрӣ Саидов ном механизатор ба шавҳар баромаду мукими Лангаркалон гардид. Нахустфарзандашон Саидшо 1-уми октябри соли 1967 ба дунё омад. Баъд Амиршо, Сураё, Бӯстон, Саъдӣ, Ҳасану Ҳусейн, Гавҳарбӣ, Давроншо, Нуроншо, ки аз онҳо танҳо Саидшо имрӯз нест. Ӯ ба оламӣ эҷод рағбат, шавқ, меҳри беандоза дошт. Ин меҳр ӯро ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон овард. Хонд, соҳиби касби журналистӣ шуд. Ба Хонаи радио ба кор даромад. Ҷавони дидадаро, шӯху ҳозирҷавоб ки буд, ба дили ҳамкорону мусоҳибонаш роҳ ёфт. Ҳам барномасозӣ, эҷоди лавҳаю гузоришҳо мекарду ҳам наттокию барандагӣ. Соли 1983 апаи Гулистону акаи Назрӣ писарашонро бо Садбарг ном духтар хонадор карданд. Аз соли 1984 то соли 1996 дар радио бенуқсон фаъолият намуд. Вале Тоҷикистон ноором буд. Зархаридони хориҷӣ зулму истибдодро аз фашистон ҳам гузарониданд. Ин ҳамаро Саидшо медиду ба қаҳру ғазаб меомад ва ба силоҳбадастон лаънатҳо мехонд. Ин ҷавонписари ғаюру ватандӯст ба комиссариати ҳарбӣ рафта, озими Тавилдара гашт. Пас аз як ҳафтаи тамрин, ки ӯ ҳамчун афсари алоқаҷӣ фаъолият дошт, 4-уми феврали соли 1996 барои озодкунии Тавилдара аз дасти наҳзатиҳои девсурати террорист бо чархбол ба ин мавзеъ парвоз карданд. Вале ба дасти каллабурҳои Мирзочага афтода, дар ҷояш парронда шуд. Ӯро бобои Ҳаким ном мӯйсафеди худотарс дар ҳавлиаш гӯронд.

Аз ин ҳодисаи мудҳиш падару модар, аҳли хона хабар ёфтанд ва хона мотамхона шуд. Дар ҳамон сардиҳои қаҳратун апаи Гулистон тани танҳо ба суроғи ҷигарбандаш ба Тавилдара рафт. 22 рӯз он ҷо монд. Гӯри писарашро ёфт ва бо дили афгору хазон, дидаҳои гирён ба Лангар омад. Оҳи сӯзони модар имрӯз низ идома дорад. Акаи Назрӣ дар ғами Саидшо бемор шуду хашт сол пеш вафот кард. Дарду ғам ба модару бародарону хоҳаракон монд.

Имрӯз апаи Гулистон ба 79 қадам мондааст, аз муттакояш янгаи Низорамоҳ Зарифова, ки ҳамсари тағояш Зухуршо Раҳматуллоев буд, низ ҷудо гардид. Ғами дилашро модари зор бо шеърҷӯиҳо, рубоиҳоникҳо барои Саидшои ғуррамарги 29-солааш тасалло медиҳад. Ҳар сол дар арафаи зодрӯзи Саидшо модар ба Хонаи радио мераваду бо ҳамкорону кормандони онҷо вомехӯраду аз писар қиссаҳо мегӯяд.

Аз байн сӣ сол сипарӣ мешавад. Дар ин миён танҳо як маротиба, дар ёдаш нест аз куҷо ба апаи Гулистон 1 кило равғану як халта орд оварда доданд. Дигар то имрӯз касе ин хонаводаро суроғ накардааст.

Хеле хуб мебуд, ки масъулин ёди чунин модарон мекарданд ва ёриашонро аз онҳо дареғ намедоштанд...

Аз Саидшо 4 нафар фарзанд ба ёдгор мондааст. Онҳо Улфатмо, Маликаю Мадина ва Юсуф буда, имрӯз соҳиби хонаву дари хешанд ва 7 нафар фарзандро ба мисли бобояшон дар руҳияи ватанхоҳию ватандӯстӣ тарбия доранд.

Агар имрӯз бобо зинда мешуд, аз баҳори 58-уми умраш гул мечид, аммо афсӯс, ки дар баҳори 29-уми умраш чун гули пажмурда гашт.

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**рӯзноманигор**

## 3 КИТОБИ НАВ ДАР РӮЗИ МАТБУОТ

# ЁДНОМАИ МОДАРИ «ҶАВОНОН...»




**Дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик ва ба хотири 75-солагии мелоди собиқадори матбуоти кишвар Гулчеҳра Фозилова маҷмуаи "Гули матбуот" аз чоп баромад.**

Китоб бо ибтикори рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" баҳри қадрдонӣ ва подоши заҳматҳои зиёда аз 50-солаи Гулчеҳра Фозилова дар матбуоти кишвар рӯи чоп омада, фарогири мақолаву ёддошт, лавҳаву мусоҳибаҳо ва шеърҳое мебошад, ки дар давраҳои гуногун оид ба фаъолияту зиндагии марҳум навишта шудаанд.

Дар нигоштаҳои рӯзноманигорон Ш. Насриддинов, Қ. Мадалиев, М. Муҳаммад, С. Мизроб, Х. Атовуллоҳ, З. Исмоилзода, Ш. Назар, Х. Ховарӣ, Ш. Карим, М. Салимшоев, Ш. Эшонова, Б. Қаюмӣ, Ф. Умаралӣ, Ҳ. Тоҳирӣ ва дигарон аз хизматҳои Аълочии матбуот ва фарҳанги Тоҷикистон, Барандаи ҷоизаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Гулчеҳра Фозилова ёдоварӣ шудааст.

Мавриди зикр аст, ки Гулчеҳра Фозилова аз соли 1969 то нафаси охирин, яъне моҳи ноябри соли 2024 дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" кор кардааст. Ҳамчунин, ӯ муддате корманди нашрияи "Самар" ва ахиран корманди нашрияи "СССР" ҳам буд.

# ВАЗИФА ВА МАСЪУЛИЯТИ МУҲАРРИРИ ТЕЛЕВИЗИОН

**Ба ифтихори Рӯзи матбуоти тоҷик монографияи муҳаққиқи ҷавон Исматуллои Ҳабибуллои Нарзуллозода таҳти унвони "Вазифа ва масъулияти муҳаррири телевизион" ба нашр расид.**




Рисола зери назари номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода нашр шуда, ба таҳқиқи вижагиҳои фаъолияти муҳаррир дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Сафина» бахшида шудааст.

Муҳаққиқ дар диссертатсия аввалин маротиба фаъолияти муҳаррирро дар телевизион ҳамчун соҳаи мушаххас дар заминаи яке аз талаботи муосири истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ таҳлил намуда, ҳамчунин, маҷмӯи проблемаҳо ва вазифаҳои фаъолияти муҳаррир дар телевизионро низ мавриди баррасӣ қарор додааст.

# ТАҲАВВУЛИ РЕПОРТАЖ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН




**Монографияи муҳаққиқи ҷавон Ҳакимзода Раҳим Карим таҳти унвони "Таҳаввули репортаж дар телевизионҳои Тоҷикистон" дар арафаи Рӯзи матбуот ба нашр расид.**

Рисола ба таҳқиқи вижагиҳои яке аз мавзуҳои мубрам ва то имрӯз пажӯҳишнашудаи журналистикаи муосири тоҷик - таҳаввули жанри репортаж дар телевизионҳои «Ҷаҳоннамо» ва «Душанбе» бахшида шуда, ҳамчун манбаи мукаммали иттилоотию таҳлилӣ ба доираи васеи хонандагон тавсия мегардад.

Дар монография аҳамияти репортаж дар низоми хабаррасонии рӯзноманигорӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои беҳтар намудани истифодаи он ба миён гузошта шудааст. Китоби мазкур зери назари номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода чоп шудааст.

## БАРАНДАГОНИ ҶОИЗАИ ИТТИФОҚИ ЖУРНАЛИСТОНИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ ДАР СОЛИ 2025




*Дар бахши матбуот:*

1. **Латофат Кенҷаева** - собикадори матбуот, директори ТҶБ "Истиқбол";
2. **Ӯрун Калонов** (Ворис) - корманди рӯзномаи "Садои мардум";
3. **Шодӣ Раҷабзод** - корманди нашрияи "Омӯзгор";
4. **Сироҷиддин Иззатуллоев** - сармуҳаррири нашрияи "Время & денги";
5. **Музаффари Имом** - муовини сармуҳаррири нашрияи "Шаҳриёр"-и МИҲД-и шаҳри Ваҳдат.

*Дар бахши телевизион:*

1. **Гулбарг Ризоева** - корманди "Телевизиони Тоҷикистон";
2. **Шералӣ Саидов** - корманди Телевизиони"Хатлон".

*Дар бахши радио:*

1. **Зарангез Гирдакова** - корманди радиои "Овози тоҷик".

*Дар бахши пажӯҳиши илмӣ:*

1. **Абдуҳамид Раҳимов** - доктори илмҳои филологӣ, устоди Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия.

# ҲАҶ - 2025

## Нархи сафар ва шартҳои он маълум шуд



**Нархи хизматрасониҳои сафар ба Ҳаҷ дар соли 2025-ум 56 ҳазору 800 сомонӣ муқаррар карда шуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 200 сомонӣ арзонтар аст. Пардохти маблағ танҳо тавассути “Ориёнбонк” тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешавад.**

Сафари Ҳаҷ дар соли 2025 нимаи дуюми моҳи май оғоз мешавад ва то нимаи моҳи июн давом хоҳад кард.

Дар нархномаи сафар тамоми хидматрасониҳои муҳим дохил шудаанд, аз ҷумла:

- *хариди чиптаи ҳавопаймо (рафту баргашт);*
- *иҷораи меҳмонхона дар Макка ва Мадина;*
- *хизматрасонии роҳбаладон;*
- *таъмини се вақт хӯрок дар давоми сафар;*
- *шароити иқомат дар Мино, Арафот ва Муздалифа;*
- *пардохти маблағи қурбонӣ;*
- *нақлиёти интиқоли ҳоҷиён дар масири Ҷидда-Макка-Мино-Арафот-Муздалифа-Мино-Макка-Мадина;*
- *ташкили нуқтаҳои тиббӣ ва таъмини доруворӣ;*
- *суғурта;*
- *пардохти боҷи давлатӣ;*
- *китоб дар бораи маносики Ҳаҷ ва таҳияи бейҷикҳо.*

Ба гуфтаи Афшини Муқим, сухангӯи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар Тоҷикистон, ин нархнома бо Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон мувофиқа шудааст.

Ба иттилои Афшини Муқим, Арабистони Саудӣ барои мавсими Ҳаҷи имсола ба шаҳрвандони Тоҷикистон 7 ҳазор квота ҷудо кардааст.

Аз Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим ба шаҳрвандон таъкид мекунанд, ки ҳаҷ танҳо тавассути ниҳодҳои давлатии ваколатдори кишварҳо амалӣ карда мешавад ва ҳеҷ шахс ва ҳеҷ ширкати сайёҳие салоҳият ва имконияти сафарбарнамоӣ ва таъмини шароити будубоши ҳаҷравандагонро надорад.

“Имрӯзҳо ба мушоҳида мерасад, ки ширкатҳои сайёҳӣ ва афроди алоҳидае аз кишварҳои дигар бо таблиғоти густурда тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ мардумро барои адои маросими ҳаҷ дар соли равон даъват намуда истодаанд. Таблиғоти чунин афрод танҳо бо ҳадафи тақаллуб ва фиреби сокинон ба роҳ монда шудааст”,- огоҳ мекунад Кумитаи дин.

Бояд гуфт, ки тибқи тартиби нави ҷоринамудаи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба афроде, ки бо роҳҳои ғайрирасмӣ барои адои маносики ҳаҷ сафар мекунанд, ҷарима, ҳабс ба муддати шаш моҳ, инчунин ихроҷ бо маҳрумият аз ҳуқуқи воридшавӣ ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба муддати 10 сол таҳдид мекунад.

Дар робита ба ин, Кумитаи дин аз ҳамватанон хоҳиш дорад, ки “ба таблиғоти бардурӯғи афроди манфиатхоҳ дода нашаванд, то ба доми фиреби онҳо наафтанд”.

# ҲОЛИ ТАБОҲИ «АФСОНАИ КӮҲӢ»

**Истироҳатгоҳи “Афсонаи кӯҳӣ” дар дараи зебоманзари Ромит воқеъ аст. Ин истироҳатгоҳи қаблан овозадор аз лагерҳои маъруфи “Чашма”, “Зимчурӯд”, “Чайка” ва ғайра дар замони шуравӣ аз он ҷиҳат фарқ мекард, ки дар фасли зимистон ҳам имкони қабули кӯдаконро дошт.**





“Афсонаи кӯҳӣ” аз рӯйи лоиҳаи меъмори маъруфи шуравӣ Александр Иванович сохта шудааст. Номи истироҳатгоҳро ҳам ӯ гузоштааст. Гуфтан бамаврид аст, ки тарҳи биноҳои мухташами дигар, ба монанди Театри ҷумҳуриявии Лӯхтак, кинотеатри “Тоҷикистон”, кинотеатри тобистонаи “Тошкент”, кинотеатри кӯдаконаи “Орлёнок”, маркази савдои “Баракат”, қаҳвахонаи “Сарез” ва ғайра маҳсули заҳматҳои ин меъмори маъруфи украинитабор аст. Дар деворҳои лагер аксу мусаввараҳои зебоеро мебинем, ки аз завқи баланди ин меъмор гувоҳӣ медиҳад.

Яке аз филмҳои маъруфи ватанӣ бо номи “Қадри дӯст” (Дӯстонро намефурӯшанд, соли 1984) дар ҳамин мавзеъ рӯйи навор омадааст.

Истироҳатгоҳ дорои имкониятҳои фароҳ буд, ки ҳар як кӯдак орзуи ба ин ҷо омаданро мекард. Аммо имрӯз бошад, вазъи истироҳатгоҳ табоҳ аст. (Ниг. ба аксҳо).

Бо овардани ин матлаб таваҷҷуҳи МИХД-и шаҳри Ваҳдат ва дигар масъулинро ба ин осоишгоҳи фаромӯшшуда равона кардан мехоҳем. Зеро баркарорсозӣ ва дигарбора ба фаъолият шуруъ кардани осоишгоҳи “Афсонаи кӯҳӣ” метавонад барои рушди сайёҳӣ дар дараи Ромит саҳм гузорад.

**Беҳрӯзи ХАЙРУЛЛО,**
**журналист**







# Профессор Мурод Муродӣ:
# МИЁНИ ҲУКУМАТ ВА

**Доктори илми филология, профессор Мурод Муродӣ Барандаи Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода шуд. Доварони озмуни "Достони мавлуди Тоҷикистон", ки соли 2024 ҳафтаномаи мо бахшида ба 100-солагии таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда буд, ду мақолаи Мурод Муродиро беҳтарин арзёбӣ намуда, эшонро ба ин ҷоиза сазовор донистанд. Профессор Мурод Муродӣ пажӯҳишгари номошнои журналистикаи тоҷик буда, беш аз 30 сол аст, ки ба таҳқиқу таълим машғул аст. Дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик бо эшон суҳбате оростем, ки фишурдаи он манзури шумо мешавад.**



## ВАҚТЕ ХОНАНДАРО ФАРОМӮШ МЕКУНАНД...

**- Шумо кадом газетаҳоро мехонед?**

- Банда бо тақозои касбам кӯшиш мекунам, ки пайваста рӯзномаҳоро бихонам. Ҳар ҳафта тариқи обуна нашрияҳои "Адабиёт ва санъат", "Минбари халқ", "Фарҳанги Тоҷикистон", "Ҷумҳурият", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Тоҷикистон", "Фараж", "ССCP", "Азия плюс" ва ғайраро дастрас мекунам. Аз нигоҳи мухтаво рӯзномаҳо дар як сатҳ нестанд, вале дар ҳар кадомашон маводи мехондагӣ ҳаст. Бархе маро қонеъ мекунанд, бархе не. Маводи яке бознашр аз интернет аст, дигаре завқро мекоҳонад... Вале ба ҳар ҳол ман пойбанд ба қолаби кухна мондаам, яъне аз мутолиаи газета як навъ лаззат мебарам. Гарчанде сомонаҳои хабарӣ ва шабакаҳои иҷтимоиро низ пайваста пайгирӣ мекунам.

**- Гуфтед, ки аз рӯйи тақозои касб газета мехонед. Агар тақозои касб намебуд ва як шаҳрванди одӣ мебудед, оё ба нашрияҳо обуна мешудед ё онҳоро мехаридед?**

- Агар пажӯҳишгари журналистика ва муаллим намебудам, аммо зиёӣ мебудам, шояд 2-3 газетаро мегирифтам. Вале агар шаҳрванди одӣ бошам, шояд не. Зеро феълан дар фазои иттилоотии мо барои як хонандаи одӣ маълумоти фаровоне дастрас аст. Қаблан, мо як телевизион доштем, ҳоло танҳо дар пойтахт 11 телевизион дорем. Аксарият истифодабарандаи интернет ҳастанд. Бинобар ин, маълумотро аз он манбаъҳо бидуни харҷи зиёдатӣ ва монеа мегиранд. Дигар ин ки, рӯзномаҳои мо шояд барои як хонандаи одӣ на ҳамеша матолиби ҷолиб доранд. Баъзан, рӯзномаҳои мо хонандаро фаромӯш мекунанд. Барои бедор кардани майлу рағбати хонанда кор намекунанд...

**- Хонандаро фаромӯш кардани рӯзномаҳо дар чӣ зоҳир мешавад?**

- Вақте хонанда ба ин ё он нашрия эътимод пайдо мекунад ва онро ба ин ё он восита дастрас менамояд, бояд дар он зиндагиашро бинад ё проблемаашро бишносад, ё ягон чизи ба ҳаёташ иртибатдоштаро бихонад. Вақте орзуву омолашро намебинад, талаботаш қонеъ намегардад, эътимодаш суст мешавад. Имрӯз бо имконоте, ки технологияи навин дорад, шинохти завқи хонандагон душвор нест, вале рӯзномаҳои мо дар ин самт кор намекунанд. Омӯзишҳои сотсиологӣ намегузаронанд, мизҳои мудаввар ва семинарҳо бо ширкати хонандагону коршинсон баргузор кардаву рӯзномаҳоро муҳокима намекунанд, то ки завқи аудиторияашонро бишносанд. Агар чунин шавад, рӯзнома медонад, ки барои кӣ менависад ва чӣ бояд нависад. Рӯзнома ҳам як навъ моли бозор аст. Вақте харидор ба бозор медарояд, завқу кисаашро ба назар мегирад. Агар завқ ва киса мувофиқ ояд, қонеъ мешавад, вагарна дар ҳолати ноҳинҷорӣ мемонад. Рӯзнома ҳам ҳамин аст. Вақте як нафар онро мехарад ё маблағ дода обуна мешавад, бояд ниёзҳояш бароварда шаванд. Матолиберо мутолиа кунад, ки посухгӯи саволҳояш бошад. На ин ки боз ба маталабе рӯ ба рӯ шавад, ки дар интернет дида буд...

## ВАҚТЕ НАЗАРИ ИНТИҚОДӢ НЕСТ...

**- Ба назари шумо феълан дар нашрияҳои мо чӣ намерасад?**

- Таҳлил. Мо дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ қарор дорем ва камтарин иттилоъ зуд ба аудитория мерасад, вале пасманзар норӯшан боқӣ мемонад. Мардум аз воқеаҳо бохабар ҳастанд, вале моҳияти онро дарк намекунанд. Бинобар ин, барои мо бештар рӯзноманигорони таҳлилгар лозиманд. Барои мисол, мо имрӯз дар шабакаҳои телевизиониву радиоӣ ва рӯзномаҳову сомонаҳо аз сиёсати давлат мегӯем, шиор мехонем, гап мезанем, вале ҳикмату моҳияти масъаларо фаҳмонида наметавонем. Чунки мо бештар ба воқеа такя мекунем, на ба пасманзар. Банда чанд сол қабл пешниҳод карда будам, ки матбуоти мо аз воқеанигории рӯзноманигорӣ ба таҳлилгароии публитсистӣ бояд гузарад. Дар ин ҳолат манфиати чандтарафа ба вуҷуд меояд:

*-якум, матбуот роҳу равиши худро пайдо мекунад;*

*-дуюм, иртиботи коршинсону мутахассисон бо матбуот мустаҳкам мегардад;*

*-сеюм, хонандаи газета баргузида мешавад.*

Барои расидан ба ин ҳадафҳо се шоха бояд кор кунад - идораи нашрия, ниҳодҳо ва хонандагон. Вақте чунин ҳамгироӣ ба вуҷуд меояд, мо ба мақсад мерасем. Таъкид мекунам, ки таҳлил ҳам ба манфиати нашрия аст, ҳам ба манфиати ҷомеа ва ҳам ба манфиати мардум, зеро матлаби таҳлилӣ маърифат ва тафаккури иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад. Боиси он мегардад, ки назари интиқодӣ пайдо шавад. Дар матбуоти мо имрӯз назари интиқодӣ гум шудааст.

**- Аз рӯи мушоҳидаҳои банда, маводи таҳлилӣ имрӯзҳо камтар мухотаб дорад. Хонанда солҳои охир ба матолиби суст одат кардааст. Барои мисол, дар шабакаи иҷтимоӣ як матлаби таҳлилӣ нашр кунед, як лайк мегирад, вале агар як хабари ҳангомадор бошад, ҳазорон нафар ба он таваҷҷуҳ мекунанд...**

- Ин иллат солҳои 90-ум пайдо шуд. Як гурӯҳ мардуми рӯзномахон дар ҷангҳои шаҳрвандӣ аз кишвар рафтанд. Боқӣ аз рӯзномахонӣ дур шуданд. Вақте Акбаралӣ Сатторов "Чархи гардун"-ро ташкил кард, байни муҳаққиқон назарҳои гуногун пайдо шуданд. Бархе онро матбуоти зард ва нолозим арзёбӣ мекарданд. Вале Акбаралӣ мардумро оҳиста-оҳиста рӯзномахон кард. Дар баробари қиссаву ҳангома матолиби хуб ҳам чоп кард ва ҳамин тавр дигар нашрияҳои мустақил ба вуҷуд омаданд. Яъне ӯ бозорро гардон кард, завқи мардумро бедор намуд. Мо ҳам имрӯз бояд кор кунем. Бояд барои баланд бардоштани мавқеи журналист ва нуфузи рӯзномаҳо талош намоем. Ҳама чиз ба якборагӣ намешавад. Агар мо зина ба зина аз пайи ислоҳи камбудиҳо шавем, муваффақ хоҳем шуд. Баъдан мебинед, ки ғайрати аздастрафтаи рӯзноманигорони мо ҳам бармегардад.

## ВАҚТЕ АКБАРИ САТТОР НЕСТ...

**- Албатта, барои аз даст додани ғайрати рӯзноманигорон, ки шумо ишора кардед, омилҳое таъсиррасон буданд. Ба назари шумо барои ғайрат пайдо кардан чӣ бояд кард?**

- Дар замони шӯравӣ рӯзноманигорӣ ба ҳукумату ҳизб пайванд буд. Газетаро "ёрдамчии содиқи партия" мегуфтанд. Бо вуҷуди ин сухани журналист қадр дошт. Танқид мекард, зеро ҳизб пуштибонаш буд. Ҳоло дар мо пуштибонии ҳуқуқӣ ҳаст. Президенти кишвар низ пайваста таъкид мекунанд, ки аз гуфтани ҳақиқат рӯй натобем. Қонунгузории мо барои фаъолияти журналистон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардааст. Вале ҷуръат нест. Ин албатта омилҳои мухталиф дорад. Вале вақти он расидааст, ки як навъ ҳамкорӣ байни ҳукумат ва рӯзноманигорон пайдо шавад. Пуле лозим аст, ки онҳоро пайванд кунад. Фаҳмонидан лозим, ки рӯзноманигорон дар фикри ободии кишвар ҳастанд, агар онҳо мушикилотро мегӯянд, ҳадаф ислоҳ ва бартараф кардани он аст. Журналист фарзанди ҳамин Ватан аст. Дастовардҳояшро васф мекунаду камбудиҳоро ошкор. Дар навбати худ рӯзноманигорон низ шароитро бояд ба назар бигиранд. Сухани онҳо ва танқиди онҳо бояд бошад ва ба манфиати миллату давлат равона шуда бошад...

**- Шумо дар бораи пули байни ҳукумат ва рӯзноманигорон гуфтед. Мегӯянд, ки қаблан Акбари Саттор чунин рисолатро иҷро мекард.**

- Акбаралӣ шахсият буд ва воқеан чунин иқтидорро дошт. Ӯ ҳам дар ҷомеаи журналистӣ нуфуз дошт ва онҳоро сарҷамъ карда метавонист, ҳам дар идораҳои давлатӣ гапаш қадр дошт. Мулоқоти таърихии Пешвои миллат бо журналистон ҳам ташаббуси ӯ буд. Имрӯз чунин шахс лозим аст. Журналистони мо иқтидори кор кардану таҳлил кардан ва ба таври шоиста анҷом додани рисолати хешро доранд, фақат шароит лозим аст. Бояд Иттифоқи журналистон ва созмонҳои эҷодӣ кор кунанд. Дигар ин ки, мо дар Маҷлиси намояндагон намоянда дорем. Дар интихоботи нав 5 журналист узви парлумон шуд. Бояд инҳо ҳам атрофи мушкилоти пешаи хеш ва ҳамкасбонашон андеша кунанд.

## ВАҚТЕ БЛОГЕР ҶОЙИ ЖУРНАЛИСТРО МЕГИРАД...

**- Ду суоли кӯтоҳ дорам.**

- Бифармоед.

**- Якум, блогерҳо ҷойи журналистонро мегиранд?**

- Журналист барои кӣ хизмат мекунад? Барои мардум! Блогер чӣ? Барои мардум! Ба мардум

# ЖУРНАЛИСТОН ПУЛ ЛОЗИМ АСТ!

фарқ надорад, ки иттилоъро аз кӣ мегирад. Воқеан, дар 5 соли охир блогерҳое пайдо шуданд, ки эътимоди мардумро ба даст овардаанд ва дар иттилоърасонӣ фаъоланд. Аз инҳо душман сохтан лозим нест, балки бо онҳо кор кардан лозим аст. Блогер истеъдоди худрӯй аст. Муошират карда метавонад, сухан гуфта метавонад, мухтаво офарида метавонад, завқ дорад... Фақат касбият лозим аст. Пас бояд омӯзонид. Ассотсиатсияи блогерон бояд дар ин самт кор кунад. Дигар рақобат аст байни журналистикаи анъанавӣ ва блогерон ё журналистикаи муосир...

**- Дуюм, газета аз байн меравад?**

- Ман 10 сол пеш чунин фикр доштам, холо аз фикрам гаштам. То он замоне, ки ман зинда ҳастам, газетаҳо аз байн намераванд (механдад).

## ВАҚТЕ ДАР ДИЛ ШАРОРА НЕСТ…

**- Шумо беш аз 30 сол аст, ки дар факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба тарбияи журналистон машғул ҳастед. Хушбахтона, банда ҳам хатмкардаи ин даргоҳ ва яке аз шогирдони шумо ҳастам. Солҳои охир вақте донишҷӯёни факултет ба редаксияи мо меоянд, он шӯру шавқеро, ки дар замони донишҷӯйӣ мо доштем, дар онҳо эҳсос намекунам. Шумо ба ин чӣ назар доред?**

- Дуруст мушоҳида кардаед. Сол аз сол завқ кам шуда истодааст. Ба назари ман яке аз сабабҳо насанҷидани омилҳои табиӣ ва модарзодии довталабон аст. Қаблан барои донишҷӯ шудан иншо яке аз имтиҳонҳои асосӣ буд, тавре санъаткорон имтиҳони маҳорат месупоранд. Ҳоло чунин нест. Дигар ин ки, дар мактабҳои миёна дар бораи журналистика маълумот дода намешавад. Бинобар ин, довталабони тасодуфӣ зиёд меоянд. Дигар ин ки, барои бедор кардани шӯру шавқи ҷавонон фазои ҷолиби рӯзноманигорӣ лозим аст. Телевизиону радио ва матбуоти фаъол ва журналистони фаъол бояд бошанд, ки ҷавонон миёни онҳо кумирҳояшонро кобанд. Як мушкили дигари мо он аст, ки имрӯз дар тамоми кишвар ихтисоси журналистика таълим дода мешавад. Ин мумкин нест. Ин қадар журналистонро барои кӣ тайёр мекунем? Ва саволи аз ин муҳимтар, киҳо дар он ҷо дарс мегӯянд? Бубахшед, факултаи моро базӯр тамом мекунанд, хабар мешавам, ки дар он ҷоҳо мудири кафедра шудаанд. Бинобар ин, вақти он расидааст, ки як Донишкадаи журналистика ва иртиботи оммавӣ ташкил дода шавад. Теъдодро бояд кам кунем ва ба сифат аҳамият диҳем.

**- Устод, ҳамин вазъ дар илм ҳам ҳаст. Олимони шинохтаи соҳа аз он шиква мекунанд, ки солҳои охир дар соҳаи журналистика мавзуҳои сатҳӣ зиёд ҳимоя мешаванд.**

- Дуруст мегӯянд ва натанҳо дар журналистика. Барои мисол, дар мулоқоти хеш Пешвои миллат бо намояндагони илм бори аввал ба мавзуи асардуздӣ ишора карданд. Мавзуе, ки муддатҳо дар расонаҳо буд. Сарвари давлат масъалагузорӣ карданд, вале ҳеҷ санҷиш нашуд... Масъулин ба сухани Сарвари кишвар бетаваҷҷуҳӣ зоҳир карданд, ҳол он ки дар он мулоқот муҳимтарин масъалаҳои илми тоҷик матраҳ шуда буд. Ман аз он мулоқот илҳом гирифта, ҳамон замон як мақола навиштам, вале тағйироте нашуд.



*Муҳаққиқони журналистикаи тоҷик, устодони ДМТ Нуриддин Бозорзода, Қироншоҳи Шарифзода ва Мурод Муродӣ*

Дар робита ба саволи шумо. Ин ҷо чанд омил ҳаст. Якум, интихоби унвонҷӯ, зеро тасодуфиҳо бисёр қабул мешаванд. Дуюм, роҳбари илмии босалоҳият. Бечора худаш базӯр, бо кумаки ким-кӣ рисолаи илмӣ дифоъ мекунад, худаш ҳанӯз моҳияти илмро дарк накарда, даъвои роҳбарӣ мекунад. Сеюм, дар илм ҷӯрагӣ, дилсӯзӣ, хешу табор бояд ба назар гирифта нашавад. Меъёр бояд илм бошад. Ахиран, илмро ба тиҷорат табдил додан лозим нест. Илм бояд ба истеҳсолот ворид шавад ва ба тиҷорат кумак кунад...

**- Дар ҳамин замина як суоли дигар дорам. Бархе муаллимоне, ки имрӯзҳо ба тарбияи рӯзноманигорон машғуланд, ҳатто дар газетаи деворӣ лавҳа нанавиштаанд. Оё онҳо метавонанд журналист тарбия кунанд?**

- Чанд сол қабл, вақте мо стандарти таълимиро таҷдид мекардем, бо устодони собиқадори факултет, аз ҷумла Сангин Гулов ва Қироншоҳ Шарифзода як талабот мондем. Оне, ки дар факултаи журналистика кор мекунад, бояд 50% муҳаққиқ, 50% рӯзноманигор бошад. Яъне бо расонаҳо ҳамкорӣ дошта бошад. Вале риоя намешавад. Ҳатто мо муайян карда будем, ки вақте аз редаксия журналистон ба кори муаллимӣ меоянд, ба сифати кӣ ба кор қабул карда шаванд? Мисол, сармуҳаррир бояд баробари дотсент маош бигирад... Вақте ман мудири кафедра будам, Хуршеди Атовулло ва Раҷаби Мирзоро ба кор гирифта будам. Онҳо бачаҳоро ба редаксияҳо мебурдагӣ шуданд.

## ВАҚТЕ САРСУПУРДА МЕШАВӢ…

**- Устод, чанд рӯз баъд 60-сола мешавед. Қабл аз он ки бо шумо суҳбат кунам, аз чанд нафар ҳамкасбонатон дар бораи шумо пурсидам. Як нафар гуфт, ки "Муродӣ сарсупурда аст, ӯ рӯзи истироҳат надорад, пайваста кор мекунад"...**

- Ташаккур. Ман албатта, худамро сарсупурда гуфта наметавонам, вале нафаре ҳастам, ки дар кор осоиш меёбам. Барои он ки дар кор муваффақ шудан пеш аз ҳама оилаи хуб доштан лозим аст. Ман хушбахтам, ки проблемаи оилавӣ надорам. Оилаи ман маро мефаҳмад, мисли дигарон "кай меоӣ?", "чӣ меорӣ?" гуфта, маро дар ташвиш намемонад. Хонаву бозор дар ихтиёри вай. 11 сол мудири кафедра будам ва бештар шабона кори эҷодӣ мекардам. Асосан рисолаи докторӣ менавиштам. Муаллим Асадулло Саъдуллоев насиҳат мекарданд, ки дар як шабонарӯз ақаллан 2 соат машғули кори эҷодӣ бошем. Вақте ман докторӣ дифоъ кардам, маро аз мудирӣ гирифтанд. Худораҳматӣ Пайванд Гулмуродзода гуфтанд, ки ба қадрат нарасиданд, бинобар ин, беҳуда ба факултет набиё, фақат соати дарсиат биё, тамом. Ман гуфтам, ки дар хона нишаста наметавонам. Агар дар хона бошам, аламамро аз занам мегирам. Он кас гуфтанд, ки ман кори шуморо ҳал мекунам ва маро ба Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва итилооти Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ба кор оварданд. Ҳамин тавр, ман имрӯз ҳам дар донишгоҳ кор мекунам, ҳам дар пажӯҳишгоҳ. Дар пажӯҳишгоҳ барои ман шароит муҳайё аст. Бинобар ин, рӯзҳои истироҳат ҳам омада ба корҳоям машғул мешавам. Ман барои худам чунин муҳит сохтам. Ҷӯрабоз нестам, ба ҳар куҷо намеравам...

**- Як хотироти шуморо дар бораи устод Воҳид Асрорӣ хонда будам. Шумо менависед, ки баъди хатми донишгоҳ Асрорӣ чанд вақт шуморо мекобанд ва ба донишгоҳ меоранд. Яъне чунин устодони хайрхоҳ аз пайи шогирдон буданд. Имрӯз ҳастанд чунин нафарон?**

- Шояд бошанд, вале камтар. Ман шабона таҳсил ва рӯзона кор мекардам. Аввал дар фабрикаи чарму чарминбарорӣ коргар будам, баъдан дар мактаби рақами 31 муаллим. Ҳимояи рисолаи дипломии мо ба солҳои нооромӣ рост омад. Моҳи август бо хатмкунандагони бахши рӯзона имтиҳон супоридем. Дар дифоъи рисолаи дипломии ман устод Асрорӣ бисёр парешонхотир нишаста буданд. Мавзуи ман "Маводи тоҷикии нашрияи "Ҳуррият" буд. Вақте маърӯза кардам, муаллим омада дастамро фишурданд ва гуфтанд, ки ин бачаро ба кафедра мегирем. Баъди ин ду бор омадам, вале муаллим набуданд. Бинобар ин, аз пайи корҳоям рафтам. Як рӯз Пайванд Гулмуродзода ба суроғам омаданд. Гуфтанд, ки куҷо мегардед, устод Асрорӣ шуморо мекобанд. Омадам. Муаллим гуфтанд, ки ман туро чанд моҳ аст, ки мекобам, ту бояд муаллими мо бошӣ. Ҳамин тавр сарнавишти ман ба муаллимӣ ва ба донишгоҳ пайванд шуд. Устод барои мо некиҳои зиёде карданд. Эшон фидоӣ буданд. То дами марг дар фикри факултету кафедра буданд. Чанд рӯз пеш аз маргашон ба аёдат рафтам. Гуфтанд, ки ин рӯзҳои вазнину нобасомонӣ мегузаранд, умри ман тамом шудааст, вале шумо нигарон набошед, ноумед нашавед, кафедраву факултетро эҳтиёт кунед. Чунин инсон буданд, ки на дар фикри марги хеш, балки дар фикри дигарон буданд. Ёдашон ба хайр. Имрӯз чунин нафарон нестанд. Устод Асрорӣ мегуфтанд, ки вақте касеро ба кор ё шогирдӣ мегирӣ, аввал одамияташро ба назар гир. Бо гузашти солҳо ба хулоса омадам, ки дуруст аст. Инсонро кофтан лозим.

**- Дар поёни суҳбат суоле медиҳам, ки аз мавзуи суҳбатамон берун аст. Ба наздикӣ як китобатон тахти унвони "Шаҳодати Кумарғ" аз чоп баромад. Кумарғ зодгоҳи шумост, ки аз байн рафт. Чӣ эҳсос кардед?**

- Деҳаи мо дар ҷояш аст, вале дар ихтиёри мо нест. Ширкати хитоӣ дар он ҷо корхона сохт ва деҳаи моро кӯчонид. Баъдан маълум мешавад, ки кӯчонидани деҳа зарур набудааст. Вале баъзеҳо аз рӯйи ҳирс ин корро карданд. Ҳамчунин, мардуми деҳа ҳам талош накарданд. Якҷоя шуда талаб накарданд, ки аҳолии деҳаро якҷоя ба ҷойи дигар кӯчонанд, деҳа пароканда шуд. Як хонавода ба Душанбе кӯчид, дигаре ба Хуҷанд, сеюмӣ ба ҷойи дигар. Анъанаи деҳадорӣ аз байн рафт. Ман китобамро "Шаҳодати Кумарғ" ном гузоштам. Шояд рӯзе баъд аз он ки хитоиҳо корашонро тамом карда мераванд, мардум бозмегарданд ва ба заминҳои аҷдодиро соҳиб мешаванд...

**-Дар фарҷом, Шуморо ба муносибати сазовор шуданатон ба Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳи Шерализода табрик мегӯям.**

-Сипос ба ҳафтаномаи "Тоҷикистон", ки маро сазовор донистед.

**Мусоҳиб: Одил НОЗИР**

Тоҷинисои Азиз:

# ДАР 15-СОЛАГӢ ЖУРНАЛИСТ ШУДАМ!

**Журналисти соҳибноми тоҷик Тоҷинисои Азиз, ки дар Рӯзи матбуоти тоҷик ба аёдаташ рафтем, мегӯяд “журналистика танҳо касб нест, балки ҷодаи пурмасъулиятест, ки фидокорӣ мехоҳад”. Ӯ худ фидоии касби хеш аст. Гарчанде синнаш ба 70 расидааст ва солҳои охир бознишаста мебошад, қаламро раҳо намекунад. Мегӯяд, ки муҳаббаташ ба журналистика хомӯш нашудааст. То ҳол, бо вуҷуди беморӣ эҷод мекунад ва бо нашрияҳо ҳамкорӣ дорад…**



**- Қадамҳои нахустини худро дар ҷодаи журналистика дар ёд доред?**

- Бале, дар ёд дорам. Ба журналист шудани ман устод Кароматулло Мирзоев - Нависандаи халқии Тоҷикистон сабаб шуданд. Он замонҳо эшон дар баробари фаъолият дар редаксия, дар мактаби мо низ дарс мегуфтанд. Аз кӯдакӣ ба навиштан шавқу ҳавас доштам ва маҳз бо роҳбарии устод бо рӯзномаи девории мактаб, ки “Қаламҳои пурумед” ном дошт, ҳамкорӣ кардам. Нахустин навиштаҳоям дар ҳамон ҷо нашр шуданд. Баъдтар, бо дастгирии эшон, мақолаҳоямро ба рӯзномаи ҷумҳуриявии “Пионери Тоҷикистон” мефиристодам. Баъди хатми мактаб корманди ин рӯзномаи бонуфуз шудам. Чун синну солам хурд буд, чанд муддат бе маош фаъолият кардам.

**- Фаъолияти журналистиро аз чандсолагӣ оғоз кардед?**

- Азбаски аз хурдӣ ба хондан шавқи зиёд доштам, маро хеле барвақт ба мактаб доданд ва дар синни 15-солагӣ мактабро хатм кардам. Вақте ки ба кор дар рӯзномаи “Пионери Тоҷикистон” шуруъ кардам, ҳатто шиноснома надоштам. Сардабири рӯзнома шоираи машҳур Гулрухсор Сафиева буданд. Аз эшон зиёд омӯхтаам.

**- Шумо дар чанд самти журналистика фаъолият доштед. Кадоме аз он бароятон душвор буд?**

- Пас аз “Пионери Тоҷикистон” ман фаъолиятро дар нашриёти “Ирфон” оғоз кардам. Баъд аз редаксияи пур аз овозу шӯру мағал кор дар “Ирфон” бисёр осон метофт. Ҳамин ки корро сар кардам, аввалин китобам бо номи “Пудрати бригадавӣ” ба чоп расид. Баъд аз он як муддат дар маҷаллаи Иттифоқи журналистон фаъолият намудам. Ҳангоми дар онҷо кор кардан ба ман ду пешниҳоди ҷои кори беҳтар шуд. Баъд ҳамчун сармуҳаррири маҷаллаи “Шуълаи умед” дар «Тоҷик Комусервис» ба кор сар кардам. Соли 2000-ум Вазорати энергетика ташкил шуду маро бо журналам ба он ҷо гузарониданд. То соли 2013 дар он ҷо фаъолият кардам. Бо се вазир кор кардам. Баъдан бо даъвати дӯстон ба ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба кор гузаштам. Баъд аз он ба нафақаи меҳнатӣ баромадам. Чун бештари вақт журналист дар соҳаи энергетика будам, ин самтро бештар омӯхтам. Ва ҳатто як китоб ҳам бо номи “Шуълаи умед” ё “Тоҷикгаз” навиштаам.

**- Чун аз чопи китоб гуфтед, то имрӯз чанд китобатон ба дасти хонандагон расидааст?**

- 10 китобам нашр шудааст, ки дар мавзӯи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мебошанд. Яке аз китобҳоям дар бораи зани қаҳрамоне нақл мекунад, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, вақте ки мардум ба як бурда нон зор буданд, на танҳо 10 фарзанди худашро, балки 10 кӯдаки ятимро низ аз ятимхона гирифта, ба камол расонидааст. Ҳамчунин, дар бораи муҳоҷират, ишқу муҳаббат ва пойдории оила китобҳо навиштаам. Ҳоло ҳам менависам. Чандин мақолаҳое дорам, ки ҳоло ба чоп нарасидаанд.

**- Дар ҷавониатон инқадар серташвиш будаед. Оё вақт барои оила ва фарзандонатон ҷудо мешуд?**

- Ростӣ, барои зане, ки ҳам модар ва ҳам журналист аст, фаъолият дар ин соҳа кори осон нест. Журналистика тақозо мекунад, ки шахс ҳамеша омода бошад - новобаста аз он ки рӯз аст ё шаб, ҳаво гарм аст ё сард, бояд барои иҷрои вазифа омода бошад. Ман дар ҳаёт ҳамеша аз як чиз шукр кардаам, ки Худованд маро бо ҳамсарам рӯ ба рӯ гардонидааст. Борҳо шоҳиди он будам, ки чӣ тавр ҳамсарам барои пешравии кори ман кӯшиш мекарданд. Новобаста аз он ки худ муҳандис буд, ҳамеша кори маро эҳтиром мекард. Ҳеҷ гоҳ напурсид, ки "чаро дер омадӣ?" ё "чаро сафар меравӣ?". Баръакс, вақте ки ман ба сафари корӣ мерафтам, бо меҳрубонӣ нигоҳубини фарзандонро ба уҳда мегирифт. Ҳамсарам бисёр одами саховатманд ки буданд, дар арафаи иди Рамазон аз дунё гузаштанд. Ҳоло, шукр, фарзандонам соҳиби хонаву дар ҳастанду бибии чанд дӯстрӯякам.

**- Ба журналистони ҷавон чӣ маслиҳат медиҳед?**

- Пеш аз ҳама, бояд касби худро дӯст доранд ва ба он содиқ бошанд. Зирак бошанд ва донанд, ки барои кӣ менависанд ва кӣ онро чигуна қабул мекунад. Бо навиштани як-ду ҷумла ҳеҷ кас журналист нашудааст. Ин қасб шабҳои бехобӣ, адолат ва садоқатро тақозо мекунад. Журналист бояд дониш, истеъдод ва қобилияти таҳлил ва дарки амиқи масъалаҳоро дошта бошад. Муҳимтар аз ҳама, вай бояд одил ва адолатпараст бошад, зеро рисолати аслии журналист мубориза барои ҳақиқат ва адолат аст.

**Сумани УБАЙДУЛЛО**






**ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **“Тоҷикони сарбаланд”** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Матолиби шумо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

**Раъно Хоҷаева, сокини ноҳияи Файзобод ва маъюби гурӯҳи 1-ум бо вуҷуди доштани се диплом ҳоло бекор аст ва мурочиатҳои пайдарпайи ӯ барои дарёфти ҷои кор ҳар дафъа бенатиҷа меанҷомад.**



# ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

## Оё квотаи таъмини ҷои корӣ барои маъюбон дастрас аст?

### ШУМО НАФАҚА МЕГИРЕД!



Бори охир **Раъно Хоҷаева** баъди огоҳ шудан аз эълони ҷойҳои кории холӣ дар ноҳия ҳуҷҷатҳояшро ба аъзои комиссия пешниҳод намуд, аз ду давраи имтиҳон гузашт, вале дар давраи ниҳоӣ бе саволу ҷавоб ба ӯ гуфтанд, ки “аз толор берун шавед”.

“Дар рафти имтиҳон ба 6-7 саволе, ки вобаста ба самти муҳосибот, ҳуқуқ ва истифодаи компютер буд, дар назди намояндагони ҳукумати ноҳия ва дигар аъзои комиссия ҷавоб додам. Вақте аз аъзои комиссия пурсидам, ки ман ба ҳамаи саволҳо ҷавоб додам, вале нагузаштам, дар ҷавоб гуфтанд, ки қонуне ҳаст, ки маъюбон нафақахӯранд, аз ҳамон нафақаи мегирифтаашон рӯзгорашонро пеш баранд. Ҳол он ки, ман 380 сомонӣ нафақа мегирам, ду фарзанд дорам, ки якеаш дар синфи ду мехонад, кӯдакон хӯрдан доранд, пӯшидан доранд. Касе ба ман кумак намекунад. Зиндагиам хеле вазнин аст, нангам меояд, ки ба гадоӣ бароям, зеро се диплом дорам”,- нақл кард қаҳрамони мо.

Ҳамсуҳбати мо гуфт, ки ҳарчанд ба ҳайати комиссия дар бораи нафақаи ночиз ва дастгириҳои президент нисбати маъюбон ёдоварӣ кард, вале ҳамааш бенатиҷа анҷом ёфт.

### ҚОНУНГУЗОРӢ ЧӢ МЕГӮЯД?

Дар моддаи 9-и Қонун “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” гуфта мешавад, ки барои ба кор қабул намудани қишри осебпазири ҷомеа, аз ҷумла маъюбон квотаҳо муқаррар карда мешавад. Дар банди дигари он зикр мешавад, нафароне, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва касби доштаи онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нест, ба онҳо тариқи барномаҳои махсус омӯзиш гузаронида, хизматрасониҳои машваратии касбӣ дода мешавад.

Ҳамчунин, дар асоси моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон ҳангоми на камтар аз 20 нафар будани шумораи кормандон бояд 5% кормандонашон шахсони дорои маъюбият бошанд.

Вале тавре дида мешавад, ҳамасола шумораи хело ками шахсони дорои маъюбият дар асоси ин квота бо ҷои кор таъмин мешаванд ва ё ба касбомӯзӣ ҷалб мегарданд.

### 149 НАФАР БО КОР ТАЪМИН ШУДАНД

Умед Муродзода, муовини директори Оҷонсии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар чорабиние дар шаҳри Душанбе гуфт, ки солҳои 2023-2024-ум 302 шахси имконияташон маҳдуд тавассути ҷойҳои кори бандшуда (квотаҳо) бо мусоидати мақомоти шуғли аҳолӣ бо кор таъмин карда шуданд, ки бештарашон дар марказҳои хизматрасонии алоқаи мобилӣ, коргоҳҳои хурди дӯзандагӣ ва ҳунармандӣ, ширкатҳои таксӣ ва дигар идораҳо ба кор қабул шуданд.

Ба гуфтаи ӯ, дар ин давра 3709 волидони яккаву танҳо ва шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғи маъюб доранд, аз ҳисоби квотаҳо бо мусоидати мақомоти шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо ҷои кор таъмин шуданд.

“Аз хизматрасониҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 1270 шахси имконияташон маҳдуд ва 3709 волидони яккаву танҳо ва шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғи маъюб доранд, баҳравар гардиданд. Ҳамаи ин дар доираи татбиқи “Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” амалӣ гардид”,- гуфт ин масъули Оҷонсии меҳнат.

Ба иттилои ӯ, соли 2024 Оҷонсии меҳнат ва шуғли аҳолӣ тавассути марказҳои таълими калонсолон 199 шахси имконияташон маҳдудро ба курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои дӯзандагӣ 62 нафар, қаннодӣ ва ошпазӣ 57, ҳунарҳои мардумӣ 14, ороишгар 17, омӯзиши забони хориҷӣ 5, асосҳои омӯзиши компютер 31 ва дигар касбу ихтисосҳо 13 нафар фаро гирифта, ба онҳо шаҳодатнома таъмин шудааст.



Дар ҳамин ҳол, **Холахмадзода Солеҳа**, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар нишасти хабарии моҳи феврали соли 2025 гуфт, ки соли 2024 аз ҷониби вазорат 8 617 шахси ниёзманд тариқи квота бо кор таъмин шудаанд, ки аз ин 149 нафарашро маъюбон ташкил медиҳанд.

### ЧАРО МАЪЮБОНРО БА КОР ҚАБУЛ НАМЕКУНАНД?

Нигина Икромова шахси дорои маъюбият аст, ки ҳоло роҳбари созмони ҷамъиятии ”Ҷилои Нигин” буда, 3 нафарро бо ҷои кори доимӣ таъмин кардааст.

Ӯ нақл кард, ки замоне, ки бекор буд, чанд маротиба барои пайдо кардани ҷои кор ба идораву корхонаҳои давлатӣ мурочиат кард, вале ӯро ба кор қабул накарданд.

“Тақрибан 7 сол пеш ман бисёр ба ин ҳолат дучор мешудам. Ҳар вақте ки барои кор ба корхонаҳои давлатӣ мурочиат мекардам, имрӯзу пагоҳ ваъда медоданд ё аз ин идора ба идораи дигар равон мекарданд. Мефаҳмидам, ки онҳо маро ба кор гирифтан намехоҳанд ва бо ҳамин роҳ мехоҳанд аз талаби ҷои кор даст кашам. Ҳамин тавр ҳам шуд ва дигар аз пасаш нашудам”,- гуфт Нигина Икромова.

Ба андешаи ӯ, сабаби ба кор қабул накардани шахсони дорои маъюбият набудани шароити мусоид дар корхонаҳо ва табъиз нисбати маъюбон мебошад.

“Роҳбарон фикр мекунанд, ки агар шахси маъюбиятдоштаро ба кор қабул кунанд, ӯ зуд-зуд бемор мешавад ва ё ба кавли дигар рухсатии беморӣ мегирад. Вале набояд фаромӯш кард, ки маъюбият беморӣ нест, танҳо фаъолияти як узви баданашон номунтазам аст, ки барои омӯхтани ҳунар ё анҷом додани аксари корҳо монеа шуда наметавонад”,- мегӯяд Нигина Икромова.

Асадулло Зикрихудоев, роҳбари Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон мегӯяд, ки онҳо низ кӯшиш мекунанд ба маъюбон барои дарёфти ҷои кор мусодиат кунанд, вале дархостҳои онҳо на ҳамеша аз ҷониби корфармо қабул мегардад.

Ӯ нақл кард, ки корфармо дар аксари маврид надоштани ҷои кори холӣ ё ягон мушкилии дохилиро баҳона мекунад ва ягон корхона сабаби ба кор қабул накарданашро намегӯяд.

“Ҳол он ки, ҳар як идораву корхона муваззаф аст, ки барои шахсони маъюбиятдошта шароити корӣ, яъне пантус ва роҳравҳои мувофиқ дошта бошад. Ҳамаи инро бояд корфармо барои кормандаш, ки аз ҳисоби шахси маъюб аст, фароҳам оварад”,- гуфт Асадулло Зикрихудоев.

### БАРОИ НАҚЗИ ҚОНУН КАСЕ МУҶОЗОТ НАМЕШАВАД

Дар ҳамин ҳол, барои таъмин накардани маъюбон бо ҷои кор, ҳамчунин риоя накардани моддаи 9-и Қонун “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” ва моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” чунин менамояд, ки корфармо муҷозот намешавад. Дар ин ду санади расмӣ дар бораи риоя накардани он чизе гуфта нашудааст.

### ШУМОРАИ МАЪЮБОН МЕАФЗОЯД…

Тибқи иттилои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон, шумораи умумии маъюбон то 1-уми январи соли 2025-ум 167 108 нафар мебошад, ки аз ин тақрибан 15 000 нафар бо ҷои кори доимӣ таъминанд. Дар соли 2024-ум 11 456 нафар маъюб бори аввал расман ба қайд гирифта шудаанд.

Тибқи омори расмӣ шумораи маъюбон сол аз сол зиёд мешавад. Масалан, аз соли 2015 то 2023 шумораи маъюбон ва маъюбоне, ки нафақа мегиранд, аз 14% бештар гардидааст.



**Уктам Ҷумаев,** коршиноси тоҷик, ки вазъи афзоиши маъюбон ва таъмини онҳо бо ҷои кориро таҳлил кардааст, мегӯяд, зиёд шудани шумораи маъюбон, ки ба зиёдшавии нафақахӯрон оварда мерасонад, барои буҷаи кишвар сарборӣ меорад.

“Дар соли 2023 қариб 8000 нафар маъюб бори аввал ба қайд гирифта шудааст. Афзоиш ёфтани шумораи маъюбон яке аз масъалаҳои ҷиддӣ аст, ки барои коҳиш додани ҳолатҳои ба маъюбият оварда-расонанда барномаи махсусе татбиқ гардад. Зеро агар дар соли 2015 барои хӯрондани як нафақахӯр 4 нафар коргар рост меомад, ин нишондиҳанда ба 3,1 нафар расид, ки хеле ташвишовар аст”,- илова кард Уктам Ҷумаев.

### САВОЛИ БЕПОСУХИ РАЪНО

... Раъно Хоҷаева, қаҳрамони мо бо 2 фарзанди ноболиғ дар хонаи модари 70-солааш, бо нафақаи камтар аз 400 сомонӣ рӯзгорашро пеш мебарад. Ӯ мегӯяд, ки собиқаи 12-солаи корӣ дар бахши муҳосиботу ҳуқуқ дорад, вале бо 3 диплом наметавонад соҳиби ҷои кор шавад ва зиндагиашро пеш барад.

“Агар ман маъюбам, бояд кор накунам, пас чаро давлат ба ман диплом додааст? Ман бе маълумоти олӣ бошаму ба кор қабул накунанд, он қадар алам намекунад”,- гуфт ин хамсуҳбати мо.

**Маҳина ДАВЛАТОВА,**
**журналист**

# 7 ФОИДАИ БО ХУРМО КУШОДАНИ РӮЗА

**Одатан мусалмонон дар моҳи шарифи Рамазон рӯзаашонро бо хурмо мекушоянд. Зеро ин суннати Паёмбар (с) мебошад. Тавсия дода мешавад, ки мусалмонон пас аз ғуруби хуршед рӯзаашонро бо хурмо кушоянд, яъне аввалин ғизое, ки рӯзадор ба даҳон мебарад, бояд хурмо бошад. Бо хурмо рӯза кушодан на танҳо иҷрои суннат, балки ба саломатӣ ҳам манфиат дорад.**



*Фоидаҳои асосии хурморо пешниҳоди шумо месозем:*

1. Хурмо манбаи шакар буда, баробари хӯрдан ба бадани одам неру мебахшад;

2. Хурмо саршор аз витаминҳои А, В ва минералҳои муҳим буда, мушкили норасоии витаминҳоро дар организми инсон дар моҳи шарифи Рамазон пешгирӣ менамояд;

3. Дар таркиби хурмо калий зиёд буда, дандон ва устухонҳоро пурқувват месозад;

4. Истеъмоли хурмо барои дил ва системаи ҳозима муфид мебошад;

5. Миҷози хурмо гарм ва консентратсияшаванда буда, барои барқарор кардани қувват у дармон кумак мерасонад;

6. Хурмо хӯрдан хоби бароҳати инсонро таъмин менамояд;

7. Бо хурмо рӯза кушодан суннати паёмбар аст. Ҳазрати Муҳаммад (с. с.) таъкид кардаанд, ки рӯзаи худро бо хурмо кушоед. Ин суннат барои мусалмонҳо роҳнамо аст. Аммо вақте хурмо набошад, паёмбар рӯзаашро бо об мекушод ва мусалмонҳо ба ин суннат низ эҳтиром мегузоранд.

Хулоса, бо хурмо кушодани рӯза натанҳо риояи суннати паёмбар мебошад, балки барои саломатии одамони рӯзадор низ муфид аст.

## ЯК ХУСУСИЯТИ МАҒЗИ САРИ ЗАНҲО

**Рӯзи 5-уми марти соли 2025 дар нашрияи New York Times мақолае дар бораи таҳқиқоти хусусиятҳои мағзи сари занон нашр шудааст.**

Олимон генеро кашф карданд, ки дар занон ба сустшавии пиршавии мағз мусоидат мекунад ва ҳамзамон робитаҳои байни терапияи гормоналӣ, менопауза ва бемории Алтсгеймерро омӯхтанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мағзи занон дар муқоиса бо мағзи мардон як бартарӣ дорад - он сусттар пир мешавад.

Ин кашфиёт метавонад ҳам ба занон ва ҳам ба мардон дар пешгирии аз даст додани функсияҳои когнитивӣ дар пиронсолӣ кумак расонад.

Ин таҳқиқот рӯзи чоршанбе дар маҷаллаи Science Advances нашр шуд. Ҳамчунин, маҷалла боз ду таҳқиқоти дигарро дар бораи мағзи занон интишор кард. Яке таъсири терапеяи гормоналӣ ба фаъолияти мағзро меомӯзад, дигаре бошад, робитаи байни синни оғози менопауза ва хатари гирифторӣ ба бемории Алтсгеймерро таҳқиқ кардааст.

Олимон ҳангоми омӯзиши истеъмоли глюкоза дар мағз муайян карданд, ки мағзи занон аз ҷиҳати метаболикӣ аз мағзи мардон тӯли солҳо ҷавонтар боқӣ мемонад.

Таҳқиқотҳои дигар, ки ба нишонаҳои ДНК асос ёфтаанд, нишон доданд, ки мағзи занон тақрибан як сол ё бештар аз он нисбат ба мағзи мардон ҷавонтар аст.



## ФОИДАҲОИ НИШАЛЛО

**Нишалло (нишавло, нишолло) ширинии миллии тоҷикист, ки аз сафедаи тухми латзада бо шарбати шакар ва решаи ширинбия тайёр карда мешавад. Ин шириниро мардуми мо одатан дар моҳи Рамазон истеъмол мекунанд.**

Нишалло на танҳо болаззат, балки ғизои солим ҳам мебошад. Нишаллоро чун қоида бе иловаҳои кимиёвӣ тайёр мекунанд, аммо агар хоҳед, метавонед ванилин ё чормағз истифода баред ва оро диҳед. Одатан барои лат задан чилчӯбро аз дарахти тут месозанд. Дар нишаллои дуруст омодашуда шарбат набояд аз кафки сафед ҷудо шавад.

Нишалло таоми хеле калориянок аст, аммо барои шахсе, ки тамоми рӯз нахӯрдаву нанӯшидааст, як бурида нонро бо нишалло тар карда бо як пиёла чой дар ифтор хӯрдан зарар надорад, балки фоидаовар аст. Сафеда ва шакар ба бадан фоидаоваранд ва талафоти калорияро дар рӯзи рӯзадорӣ пур мекунанд.

Дар тиби халқӣ дамламаи реша ва барги ширинбияро барои бемориҳои роҳҳои болоии нафас, меъдаю рӯда, тарбод, навъҳои гуногуни полиартрит, псориаз, шукуфа (экзема) истифода мебаранд ва решаи асосиро барои аденомаи ғадуди простата истифода мебаранд.

Инчунин, нишаллоро на танҳо дар рӯзҳои рӯзадорӣ, дар ҳар вақти сол, аз ҷумла иди Наврӯз омода кардан мумкин аст. Шарбати ширинбия лимфаро ба таври комил тоза ва хунро тоза мекунад, инчунин барои сулфа ва мушкилоти нафас истифода бурда мешавад.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ҳафтаи пур аз имкониятҳо ва рӯйдодҳои ҷолиб интизори шумост. Агар вақтҳои охир дар интихоби роҳи дуруст шубҳа доштед, ниҳоят барои худ тасмими дуруст хоҳед гирифт. Барои амалҳои ҷиддӣ рӯзҳои аввалини ҳафта мусоиданд.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ҳафта ором ва бо субот мегузарад, аммо барои ноил шудан ба муваффақият шумо бояд сахтгир бошед. Дар ибтидои ҳафта каме нофаҳмиҳо ва таъхирҳо дар кору нақшаҳо эҳтимол доранд, аммо ба онҳо диққати зиёд надиҳед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Ҳафтаи пур аз рӯйдодҳои ғайриҷашмдошт хоҳад буд. Бояд якбора бо чанд кор машғул шавед, агар неруи худро дуруст тақсим кунед, ҳамаашро бомуваффақият анҷом медиҳед. Дар муносибатҳои шахсӣ боэҳтиёт бошед, як гапи ноҷо метавонад боиси нофаҳмӣ гардад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ҳафтаи пурмасъулият ва муҳимест, ки ба зиндагии шумо тағйироти ҷиддӣ ворид карда метавонад. Дар ҷои кор бо мушкилиҳои хурд дучор мешавед, аммо агар ором бошед ва саросема нашавед, ҳамаи онҳоро ҳал мекунед. Мустақилона амал кунед ва ба касе такя накунед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ҳафтаи хубест барои амалҳои ҷиддӣ ва тасмимҳои нав. Ҳоло вақти хубест барои рӯ ба рӯ шудан бо мушкилоти дерина ва онро ҳал кардан. Агар нақшаҳои бузург дошта бошед, бешубҳа дастгирӣ хоҳед ёфт.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ин ҳафта шумо бо корҳои зиёде сарукор хоҳед дошт. Худро хаста накунед ва ба саломатӣ аҳамият диҳед. Дар масъалаҳои касбӣ тағйироти мусбат эҳтимол дорад, хусусан агар барои пешрафт қадам гузоред.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳафтаи мусоидест барои ҳалли масъалаҳои муҳим. Дар ҳафтаи равон шумо метавонед нақшаҳои деринаро амалӣ созед ва ба ҳадафҳои худ наздик шавед. Сафари ногаҳонӣ ё воҳӯрии ғайриҷашмдошт руҳияи шуморо болида мегардонад.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Барои шумо ҳафтаи серкор ва пур аз рӯйдодҳои гуногун хоҳад буд. Шояд чанд масъалаи корӣ ё шахсӣ ниёз ба ҳалли фаврӣ дошта бошанд, аммо шумо бо онҳо ба хубӣ рӯ ба рӯ мешавед. Дар ҳафтаи равон муносибатҳои дӯстона ва ошиқонаи шумо гармтар мешаванд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳафтаи бобарор ва пур аз имкониятҳои нав аст. Барои онҳое, ки мехоҳанд тағйироти мусбат ворид кунанд, акнун вақти мувофиқ аст. Дар ҷодаи касбӣ ва таҳсил муваффақиятҳо имконпазиранд, хусусан агар фаъол бошед. Саломатиятон аз худатон вобастагӣ дорад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Ин ҳафта барои шумо фурсати олӣ барои расидан ба ҳадафҳо ва таҳкими мавқеи худ мебошад. Агар нақшаҳои муҳиме дошта бошед, бе тардид ба амал гузаред, натиҷаҳо мусбат хоҳанд буд. Бо ҳамкорон ва наздикон муносибати хубро нигоҳ доред.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ҳафтаи пур аз рӯйдодҳои ғайриҷашмдошт ва имкониятҳои нави касбӣ барои шумост. Бештар бо атрофиён муошират кунед, то имкониятҳои хубро аз даст надиҳед. Шиносоии нав эҳтимол дорад, ки метавонад ба муносибатҳои ошиқона ё дӯстии мустаҳкам табдил ёбад.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ҳафтаи сертавшиш дар пеш аст. Ба худ бовар кунед ва барои амалӣ кардани нақшаҳоятон фаъол бошед. Дар ҳафтаи равон пешниҳодҳои нави ҷолиб дар кор ва зиндагии шахсӣ эҳтимол доранд. Эҳтимоли гирифтани хабарҳои хуш ва сюрпризҳои ногаҳонӣ вуҷуд дорад.

# МУСОБИҚАҲОИ НАВРӮЗӢ

**Дар арафаи ҷашни Наврӯз дар Тоҷикистон бо иштироки варзишгарон аз кишварҳои Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Русия чанд мусобиқаи байналмилалии варзишӣ баргузор мешавад. Дар ин бора аз Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши Тоҷикистон хабар медиҳанд.**




*Рӯйхати баргузории мусобиқаҳо:*

- Рӯзи 15-уми март дар шаҳри Хуҷанд дави дӯстии наврӯзӣ ва марафони велосипедронӣ дар масофаи то 5 километр бо иштироки 40 варзишгар аз Ӯзбекистон ва Қирғизистон;

- Аз 10 то 12-уми март дар “Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои камонварӣ”-и вилояти Суғд мусобиқаи байналмилалии камонварӣ бо ҳузури 40 варзишгар;

- Аз 10 то 14-уми март дар Хуҷанд мусобиқаи шиноварӣ ҷараён дорад, ки 80 варзишгар, аз ҷумла аз Ӯзбекистон ва Қирғизистон миёни ҳам рақобат мекунанд;

- Рӯзҳои 11-13-уми март дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мусобиқаи байналмилалии асպдавонӣ бо ширкати 124 варзишгар аз Ӯзбекистон ва Қирғизистон;

- Аз 12 то 14 -уми март дар Исфара мусобиқаи байналмилалии волейбол миёни духтарон баргузор мегардад, ки дар он 4 даста бо ҳам рақобат мекунанд;

- Рӯзҳои 14-16-уми март дар Хуҷанд мусобиқаи байналмилалии мини-футбол баргузор мешавад, ки 16 даста бозӣ мекунанд;

- Рӯзҳои 15-19-уми март дар Хуҷанд мусобиқаи байналмилалии теннис бо иштироки 26 варзишгар аз дохил ва хориҷи кишвар баргузор мегардад;

- Рӯзҳои 16-17-уми март дар Варзишгоҳи марказии Панҷакент мусобиқаи байналмилалии куштингирӣ баргузор мегардад, ки дар он 67 варзишгар аз Ӯзбекистон, Қирғизистон, Эрон ва Русия бо ҳамдигар рақобат мекунанд;

- Аз 25 то 27-уми март дар Истаравшан мусобиқаи байналмилалии куштингирӣ баргузор мегардад, ки дар он 67 варзишгар аз кишварҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Эрон ва Русия вориди майдон рақобат мешаванд.



# РОМИШ ШЕРАЛӢ - **ФАРЗАНДИ УСТОД ЛОИҚ АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТ**

**Ромиш Шералӣ, писари шоири номвар Лоиқ Шералӣ зуҳри рӯзи 6-уми март дар синни 54-солагӣ аз олам чашм пӯшид.**



Бародари марҳум Диловар Шералӣ дар суҳбат ба Pressa.tj гуфт, ки Ромиш чанд соли охир аз бемории қалб ранҷ мекашид.

Ромиш писари дуюми Лоиқ Шералӣ буд. Ӯ хатмкардаи Институти санъати театрии ба номи Михаил Семёнович Шепкини шаҳри Маскав буд. Ромиш солҳои охир дар нашриёти “Адиб” фаъолият дошт.

Гуфта мешавад, ки Ромиш Шералӣ меросбари падараш ва бойгонии Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ дар дасти марҳум буд. Ӯ солҳои охир ба таҳияи ҷилди дуюми “Куллиёт”-и падараш машғул буд.

*Аҳли қалами ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз марги нобаҳангоми Ромиш Шералӣ андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум ҳамдардӣ баён мекунанд.*

## ДАР СӮГВОРИИ РОМИШ ШЕРАЛӢ

*Эй ҳамдилон, эй ҳамдилон,*
*Ромиш аз дунё гузашт,*
*Ашки ду чашмам шуд равон,*
*Ромиш аз дунё гузашт.*

*Бо қалби пур аз армон,*
*Ромиш аз дунё гузашт,*
*Нодида, нохӯрда ҷаҳон,*
*Ромиш аз дунё гузашт.*
*Нокарда бад бар ҳеҷ кас,*
*бо сад умеду сад ҳавас,*
*Чун ғунчаи тар, навҷавон,*
*Ромиш аз дунё гузашт.*

*Эй ҳамдилон, эй ҳамдилон,*
*Ромиш аз дунё гузашт,*
*Ашки ду чашмам шуд равон,*
*Ромиш аз дунё гузашт.*

*Ромиш аз дунё гузашт,*
*бе Ромишам танҳо манам,*
*Сӯзад ба ёдаш ҷисму ҷон,*
*побастаи ғамҳо манам.*
*Чун ҳамдами мо буд ӯ,*
*ҳам зеби дунё буд ӯ,*
*Ромиш к-аз дунё гузашт,*
*безори ин дунё манам.*

*Эй ҳамдилон, эй ҳамдилон,*
*Ромиш аз дунё гузашт,*
*Ашки ду чашмам шуд равон,*
*Ромиш аз дунё гузашт.*

*Фарзанди Лоиқ буд ӯ,*
*бонанг буду ҳам баор,*
*Мисли падар ҳам боадаб,*
*хушчақчақу ҳам хоксор.*
*Дилсӯзу ҳам ғамхор буд,*
*бисёр беозор буд,*
*Ҳамсуҳбати ширинзабон,*
*ҳам ғамшунав,*
*ҳам ғамбарор.*

*Эй ҳамдилон, эй ҳамдилон,*
*Ромиш аз дунё гузашт,*
*Ашки ду чашмам шуд равон,*
*Ромиш аз дунё гузашт.*

*Бо нармӣ мегуфт ӯ сухан,*
*ҳаргиз намекард ӯ хитоб,*
*Дар суҳбати ширини ӯ,*
*ҳар лаҳза дил мегашт об.*
*Аз марги ӯ дилхастаам,*
*гӯё қанатбишкастаам,*
*Аз сӯзиши андӯҳу ғам,*
*Усмонро шуд дил кабоб.*

*Эй ҳамдилон, эй ҳамдилон,*
*Ромиш аз дунё гузашт,*
*Ашки ду чашмам шуд равон,*
*Ромиш аз дунё гузашт.*

**Усмони САБЗ**

## МАВЛУДНОМА

### 13 МАРТ

**Всеволод Веселковский** (1915-1994), 110-солагии зодрӯзи Меъмори шоистаи Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Абдураҳмон Қодиров** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Мавлон Нуробоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Ҷумъа Одина** (1930-1982), 95-солагии зодрӯзи нависанда, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

### 14 МАРТ

**Латиф Хӯҷаев** (1920-2001), 100-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Софя Ҳасанова** (1935), 90-солагии зодрӯзи файласуф.

### 15 МАРТ

**Наҷмиддин Аюбов** (1935-2003), 90-солагии зодрӯзи арбоби ҳоҷагӣ.

**Мирзо Солеҳов** (1950), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Усуфхӯҷа Султонов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

**Шариф Файзалӣ** (1935-2005), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Ҳабибулло Файзулло** (1945-1976), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**Юнус Юсуфӣ** (1955), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

### 16 МАРТ

**Шарифҷон Акрамов** (1955), 70-солагии зодрӯзи муаррих.

**Музаффар Маҳмудов** (1925-1999), 100-солагии зодрӯзи журналист.

**Муҳаммадҳаким Муҳаммадзоҳиров** (1935), 90-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Олга Смирнова** (1910-1982), 115-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Шамсиддин Шокиров** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

### 17 МАРТ

**Виктор Бондар** (1925-2003), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Неъмат Муҳиддинов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Ҳайдар Турсунов** (1940), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

**Шариф Умаров** (1940-2007), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

### 18 МАРТ

**Азиза Акобирова** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Раҳмон Муродов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Абдурасул Сатторов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

### 19 МАРТ

**Сиддиқ Раҷабов** (1910-1994), 115-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Санавбар Холматова** (1940), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Латиф Хӯҷаев** (1920-2001), 105-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Пӯлод Шамсиддинов** (1935-1976), 90-солагии зодрӯзи рассом.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Қосимов Фируз Мирзоалиевич, РЯМ: 0430289521, РМА: 046949093, ки аз Нозироти андози ноҳияи Сино дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд 15680, аз 14.06.2006 ва дафтари хавлӣ ба номи Званько Светлана Анатольевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Д. Барно 56, хонаи 1, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси Корхонаи фаръии давлатии кино ва видеои ноҳияи А. Ҷомӣ, РЯМ: 3510005235, РМА: 350008135, ки соли 2017 аз Нозироти андози ноҳияи А. Ҷомӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот, №085330/2020, ба номи Қурбонзода Шукрулло Шералӣ, ки соли 2020 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии мавзеи истироҳатгоҳӣ ба номи Зохидова Сананбар Тохировна, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, маҳаллаи Дуоба, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ-0178756, рақами қайд №1757, ба номи Мирзоев Ҳокимҷон Асламҷонович, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Академик Осимӣ, ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02691482, ба номи Иоров Дилшодҷон Бобомуродович, ки санаи 21.11.2019 аз ҷониби ШВКД-2 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти фехристи №7-2845 аз 16.11.2024, ба номи Шералиев Хуршед Раҳмонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Варзишгарон, хонаи 4, ҳ. 3, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 БП №553352 ба номи Ахмедов Файлло Мулоевич, соли 1978, ки аз ҷониби МТМУ №67-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Олимзода Акбарҷони Наим, ки соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбӣ, ЧТ №29385, ба номи Қуваталиев Шахриёр Зубайдуллоевич, ки соли 2024 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Абдуллоев Тургунали, РЯМ: 0730190771, РМА: 075321404, ки аз 22.05.2019 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудаанд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Исмоилов Файзулло, РЯМ: 0730214650, РМА: 075941012, ки аз 08.06.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудаанд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Хамдамов Кодирҷон, РЯМ: 0730218739, РМА: 075315212, ки аз 01.12.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудаанд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Саъдуллоев Хуршед, РЯМ: 0730223890, РМА: 075286421, ки аз 16.07.2022 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудаанд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии фермерии «Вера» РМА: 335014456, РЯМ: 3330014875 беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Донаева Шаҳноза, РЯМ: 0730159568, РМА: 075720379, ки аз 14.02.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудаанд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Турсунов Ҷуманазар, РЯМ: 0730088132, РМА: 075852353, ки аз 21.11.2013 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудаанд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Бегалиев Ёрмаҳмад, РЯМ: 0730143545, РМА: 076305276, ки аз 22.12.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудаанд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникии бинои истиқоматӣ ба номи Хумбетова Меҳринисо Абдуллоевна, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Пахтакор, соли 2019, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Азимов Масрур Ҳакимович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 110, ҳуҷраи 53, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1244276 ба номи Тоҷидинов Муҳаммадҷон Бобокалонович, 01.07.2024, ки аз ҷониби МТМУ №54-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Қудратова Моҳира, РЯМ: 0730209902, РМА: 075266823 аз санаи 02.02.2021 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ордери №016152 (дар асоси фармони №2 аз 11.05.2007), санаи эътибори ордер 12.06.2007, ба номи Званько Светлана Анатольевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Д. Барно 56, хонаи 1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, №1587, аз санаи 28.05.2019 ба номи Садуллоев Тилло, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳоти Даҳана, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Варзоб ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби қисман сӯхта (нимсӯхта) шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти фехристи №1Ш-70, аз санаи 28.05.2019 аз номи Садуллоев Гулмурод ба номи Садуллоев Тилло Гулмуродович, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳоти Даҳана, аз сабаби қисман сӯхта (нимсӯхта) шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Ибодуллоев Сирочиддин, РЯМ: 0730145295, РМА: 165529076, аз 21.01.2017, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №3723, соли 15.06.2022, ба номи Садуллоев Тилло Гулмуродович, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳоти Даҳана, аз сабаби қисман сӯхта (нимсӯхта) шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Бозоров Зариф, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Роҳатӣ, соли 2008, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, №1109, аз санаи 08.08.2017 ба номи Алихонова Бубуҷамол, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳоти Дуоба, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк, №555, аз 23.09.2008, ба номи Бозоров Зариф Боякович, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Роҳатӣ, соли 2008, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Сафарализода Абдураҳмон", №0309223, РЯМ: 0310025999, РМА: 030037994, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии «ЗАЙТУНАИ АБДУВАЛИ», РЯМ: 3310008277, барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии Боғпарвар С 3310004638 барҳам мехӯрад.

► Кооперативи тиҷоратии Абдувосит А., РМА: 330011066, РЯМ: 3310006774, барҳам мехӯрад.

► ҶДММ "Чойхонаи Садбарг", №0268289, РЯМ: 0110028930, РМА: 010105425, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.


## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

• Biodiversity Finance Analyst, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 23330/National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 21 March 2025, 23:59 New York time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

## ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# МАВСИМИ НАВИ ФУТБОЛ ОҒОЗ ШУД

**Бозиҳои даври аввали мавсими 34-умин Чемпионати Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ ба анҷом расид. Дастаи "Вахш"-и шаҳри Бохтар пас аз анҷоми бозиҳои даври аввал бо 3 имтиёз ва таносуби бештари голҳо дар зинаи аввал аст.**



Дар умум дар даври аввали Лигаи олӣ 13 гол ба қайд гирифта шуд. Ниммуҳофизатгари ганагаи КМВА Ҷулиос Квасӣ аввалин голи мавсими имсолаи Лигаи олиро ба самар расонд. Ӯ ба дарвозаи "Ҳосилот" гол зад. Ин бозӣ бо ҳисоби 2:1 ба нафъи артишиҳо ба охир расид.

«Вахш», ки аз ҳама бештар гол зад, бо ҳисоби 3:1 бар «Эсхата» пирӯз шуд ва дар зинаи аввал қарор гирифт. "Хулбук" низ аввалин ғалабаро дар Лигаи олӣ ба қайд гирифт. Дастаи ноҳияи Восеъ тими "Панҷшер"-ро бо ҳисоби 2:0 шикаст дод. Ҳарду голро Хайриддин Турахонов ба самар расонида, аввалин дублро дар мавсими нав ба номаш навишт.

Аввалин корти зард ва корти сурхро дар мавсими имсолаи Лигаи олӣ ҳамлагари нигериягии тими "Хуҷанд" Камолафе Шон Пол дар бозӣ бо "Истиқлол" гирифт. Ин бозӣ бо ҳисоби 1:0 бар нафъи «Истиқлол» ба охир расид. Голро Манучеҳр Ҷалилов зад. Миёни дарвозабонҳо аввалин корти сурхро Евгений Гритсенко аз дастаи "Равшан" дар бозӣ бо "Истаравшан" гирифт. Ин бозӣ бо ҳисоби мусовии 1:1 ба охир расид.

Ҳамчунин, дар бозии "Баркчӣ" ва "Регар-ТадАЗ" 3 корти сурх нишон дода шуд. Меҳрубон Ғаффорзода ва Шерзод Раҷабов аз ҳайати "Баркчӣ" ва Далер Имомназаров аз ҳайати "Регар-ТадАЗ" корти сурх гирифтанд. Ин бозӣ бо ҳисоби 0:1 бар нафъи «Регар-ТадАЗ» ба охир расид.

Бозиҳои даври 2-юм аз 14 то 16-уми март баргузор мешаванд. "Эсхата" бо "Равшан", "Регар-ТадАЗ" бо "Истиқлол", "Хулбук" бо "Истаравшан", "Хуҷанд" бо "Вахш", "Ҳосилот" бо "Баркчӣ" ва "Панҷшер" бо КМВА бозӣ мекунанд.

## ҶУДО

# МЕДАЛИ БИРИНҶИИ МАДИНА ҚУРБОНЗОДА АЗ ТУРКИЯ



**Дар Анталияи Туркия мусобиқаи ҷудои Antalya Millennium Team Cadet European Cup 2025 бо ширкати 448 варзишгар аз 24 кишвари ҷаҳон баргузор шуд. Дар ин бора Федератсияи байналмилалии дзюдо (IJF) хабар дод.**

Тоҷикистонро дар ин мусобиқа варзишгар Мадина Қурбонзода дар вазни 52 кг намояндагӣ кард. Аз рӯи натоиҷи набардҳояш ӯ соҳиби медали биринҷӣ гардид.

Мадина Қурбонзода ҷудокори навраси тоҷик аст, ки соли 2023 дар мусобиқаи ҷаҳонӣ рекорд гузошта, аз қаҳрамони ботаҷрибаи Африқо пеш гузашт ва ба рӯйхати беҳтаринҳои Федератсияи байналмилалии ҷудо дохил шуд.

Дар ҳамин ҳол, дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон ба Ҷоми кушоди Аврупо дар Тифлис, ки рӯзҳои 12-13-уми апрел баргузор мешавад, омодагӣ мегирад.

## КУШТӢ

# ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ



**Аз 25 то 30-юми март дар Аммон (Урдун) Чемпионати куштии Осиё баргузор мешавад, ки дар он паҳлавонони Тоҷикистон низ ширкат мекунанд. Айни замон 20 кишвар дархости ширкатро пешниҳод кардаанд.**

Чемпионат, ки дар Қасри варзишии шоҳдухтар Сумая баргузор мешавад, дар сабки юнониву румӣ оғоз шуда, баъдан духтарон дар куштии бонувон рақобат мекунанд.

Ба ҳайати дастаи Тоҷикистон легионерҳои ёкутистонӣ Айаал Белолюбский ва Виктор Рассадин низ шомил шудаанд. Соли гузашта дар чемпионати Осиё дар Бишкек Айаал ҷойи 11-умро гирифт ва Виктор медали нуқра ба даст овард.

Тоҷикистонро дар ин мусобиқа дар куштии озод Айаал Белолюбский (57 кг), Ҷамшед Шарифов (61 кг), Мустафо Аҳмадов (65 кг), Виктор Рассадин (70 кг), Магомед Евлоев (79 кг), Салимҷони Ҳалимзода (86 кг), дар куштии юнониву румӣ Аслам Азизов (60 кг), Суннат Абдуллоев (67 кг), Лоик Амирхонзода (72 кг), Муслиҳиддин Уроков (77 кг), Ҳабиб Зухуров (82 кг), Сухроб Абдулҳаев (87 кг) ва Эдуард Бабеношев (97 кг) намояндагӣ мекунанд.

## CAFA-2025




# ӮЗБЕКИСТОН ҒОЛИБ ШУДУ ТОҶИКИСТОН НОКОМ

**Аз 4 то 8-уми март дар дар шаҳри Душанбе Чемпионати футболи CAFA байни дастаҳои духтаронаи то 17-сола баргузор шуд.**

Дар мусобиқа дастаҳои мунтахаби духтарони то 17-солаи Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Эрон ширкат карданд. Дастаи мунтахаби Ӯзбекистон бар дастаҳои мунтахаби Эрон (1:0) ва Тоҷикистон (1:0) пирӯз шуда, бо Қирғизистон мусовӣ (0:0) кард ва дар натиҷа ғолиби мусобиқа шуд. Медалҳои нуқра насиби тими Эрон (6 имтиёз) гардид. Медалҳои биринҷиро футболбозони Қирғизистон (4 хол) ба даст оварданд. Дастаи Тоҷикистон ҳамаи бозиҳояшро бо шикаст анҷом дод ва имтиёзе ба даст наовард.

Дар натиҷаи мусобиқа ба дастаи духтаронаи Тоҷикистон ҷоизаи махсус дода шуд. Ҷоизаи «Fair Play» ба дастаи мунтахаби Қирғизистон тақдим гардид.

Муфидтарин бозигари чемпионат сарвони тими Ӯзбекистон Меҳрангез Ҳамидова эътироф шуд. Беҳтарин нишонзани мусобиқот ҳамлагари тими Эрон Марям Халилӣ Фар (3 гол) эълон гардид.

## РЕЗААХБОР



Муштзани маъруфи тоҷик Давлат Болтаев (5-0, 2 KO) рӯзи 7-уми март дар шаҳри Маскав дар доираи мусобиқаи "Шоми бокс" бо Рамазон Карнукаеви навкор аз Русия ба раунд баромад. Муштзанон 6 раунд бо ҳам мубориза бурданд. Дар анҷоми рақобат бо қарори доварон рақобати Болтаев ва Карнукаев мусовӣ баҳогузорӣ шуд.

***

Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон ҷамъомади таълимии худро дар Ӯзбекистон ба анҷом расонд ва акнун дар мусобиқоти Гранд Слам (21-23-юми март) дар Гурҷистон дар ҳайати Ёсин Бобокалонов, Магомед Фармонбеков (ҳарду 66 кг), Муҳаммадшариф Наҷмиддинов, Масъуди Аҳмадзод (ҳарду 73 кг), Илҳомиддин Ҷабборов, Бахтиёр Бозоров (ҳарду 81 кг), Шодмон Ризоев, Умед Раҷабов (ҳарду -90 кг), Муҳсин Малаев, Парвиз Абдураҳмонов (ҳарду 100 кг) ширкат мекунад.

***

Аз 8 то 16-уми март дар кишвари Сербистон Чемпионати ҷаҳонии бокс миёни беҳтарин муштзанон баргузор мегардад. Дар он Тоҷикистонро Миҷгона Самадова (57 кг), Шоира Зулқайнарова (60 кг) ва Нилуфар Бобоёрова (63 кг) намояндагӣ мекунанд. Ҳамчунин, довари дараҷаи байналмилалӣ Мансур Муҳиддинов аз Тоҷикистон дар ин мусобиқа ҳакамӣ хоҳад кард.

***

FIFA рейтинги нави дастаҳои занонаи аъзояшро нашр кард, ки дастаи мунтахаби занонаи Тоҷикистон бо 976,93 хол як зина поён рафта, дар ҷойи 155-ум аст. Ҳамагӣ дар рейтинг мавқеи 195 даста муайян карда шудааст. Дар ҷойи аввал дастаи ИМА аст. Ба панҷгонаи аввал дастаҳои Испания, Олмон, Англия ва Ҷопон шомиланд.



### НАСАБ

Мард аз зане, ки ҳамаи фарзандонаш номҳои яхкела доранд, суол мекунад:

- Ҳонум, шумо вақте фарзандони худро чеғ мезанед, чӣ гуна мефаҳманд, ки кадомашро дар назар доред?

Зан дар ҷавоб:

- Хеле оддӣ, ман онҳоро бо насабашон фарёд мекунам.

### ЛАҲЗАИ ИСТИРОҲАТ

Марде аз рафиқаш мепурсад:

- Гӯш кун, ту миёнаи рӯз имкони истироҳат кардан дорӣ?

Рафиқаш мегӯяд:

- Бале, занам баъди нисфирӯзӣ қариб як соат хоб меравад.

Мард хайрон шуда:

- Ман занатро не, худатро пурсидам.

Рафиқаш мегӯяд:

- Гап сари он аст, ки вақте занам хоб меравад, ман вақти истироҳат пайдо мекунам.

### ҚОШУҚЧА

Ду рафиқ дар қаҳвахона нишастаанд.

- Ман пай бурдам, ки ҳар одам як рафтори ғайриоддӣ дорад,- мегӯяд якеаш.

- Ман ягон рафтори ғалатӣ надорам,- мегӯяд дуюмӣ.

- Албатта ту ҳам чунин рафтор дорӣ,- исрор мекунад рафиқаш.

- Чӣ гуна рафтори ғалатӣ будааст?,- хайрон мешавад дуюмӣ.

- Тавре пай бурдам, ту чойро бо дасти ростат омезиш медиҳӣ.

- Хайр чӣ?

- Аксари одамон барои ин кор қошуқчаро истифода мебаранд,- мегӯяд рафиқаш.

### ПУЛ ВА САЛОМАТӢ

Бемор аз табиб мепурсад:

- Духтур, рост аст, ки саломатиро бо пули калон ҳам харида намешавад?

Духтур дар ҷавоб:

- Ин гапи аблаҳонаро ба шумо кӣ гуфт?

### ЧАРОҒАКИ СУРХ

Писар аз падараш мепурсад:

- Дада, вақте чароғак сурх бошад, роҳро гузаштан мумкин аст?

- Мумкин аст, бачем. Фақат ҳангоми гузаштан дастонатро ба боло бардошта гузар.

- Барои чӣ ин корро кунам, дада?

Падар мегӯяд:

- Барои он ки мурдашӯй майкаатро ба осонӣ бароварда тавонад.

### ВАФОДОР

Марде сагашро ба фурӯш мегузорад. Харидоре аз ӯ мепурсад:

- Сагатон солим аст?
- Солим!
- Боақл аст?
- Боақл,- мегӯяд соҳиби саг.
- Вафодор аст?,- боз мепурсад харидор.
- Чунон бовафо аст, ки бори панҷум аст ӯро мефурӯшам.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

БАХШИДА БА РӮЗИ МАТБУОТ

## БА ШУМО ҲАМ БУРДБОРӢ МЕХОҲЕМ

Дар ҷаласае, ки ба муносибати даҳсолагии қабули «Қонуни забон» доир гардид, шоир ва адабиётшиноси маъруф Рустам Ваҳҳобзода дар мавриди истифодаи калимаи «бурдборӣ» чунин нақл кард:

- Як рӯзноманигори ҷавони радио хоҳиши зиёд намуд, ки бо ӯ ҳамсуҳбат шавам. Розӣ шудам ва омаду дастгоҳи сабти овозро рӯшан кард. Дар давоми суҳбат яке аз саволҳояш чунин буд:

- Назари Шумо дар мавриди истифодаи ҷумлаи «Ба Шумо бурдборӣ мехоҳем» чист?

Дар ин хусус тақрибан чорпанҷ дақиқа суҳбат кардему шарҳ додам, ки аслан маънии ин ҷумла «Ба Шумо муваффақият мехоҳем» набуда, балки маънои он «Ба Шумо сабру таҳаммул хоҳонем» мебошад.

Рӯзноманигор бо ишораи ризоият сар ҷунбонду дар анҷоми суҳбатамон гуфт:

- Устоди арҷманд, барои чунин суҳбати муфиду гуворо ба Шумо изҳори сипос мекунем ва бурдборӣ мехоҳем.

## ТАҚЛИДИ «ШОҲНОМА»

Ба рӯзноманигор ва муҳаққиқ Тиллои Неккадам аз маҷаллае хоҳиш карданд, ки мақолае дар бораи яке аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома» нависад. Тилло ҳам «хуб» гуфту ваъда дод, ки дар муддати як моҳ ҳатман мақоларо омода менамояд. Бафурҷагии Тилло ба ҳамкасбонаш маълум аст. Аз байн як моҳ гузашт. Аз идораи маҷалла занг зада, мақоларо пурсиданд. «Камтари дигар монд, ягон ҳафта баъд ҳатман мақоларо омода менамоям»,- ваъда дод ӯ.

Баъди ду ҳафта боз занг заданд ва ҷавоби Тилло боз ҳамон буд. Ниҳоят ҳафтаҳо ба моҳ ва моҳҳо ба сол мубаддал гаштанд, вале аз мақола ному нишон набуд. Маротибаи охирин аз идораи маҷалла занг зада, боз ҳамон саволро доданд. Аз дурӯғгӯӣ Тилло магар шарм дошт, ки каме сукут ва андеша карда, ҷавоб дод:

- О, бародар, Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро дар сӣ сол навишт, шумо ақаллан даҳяки ин фурсатро ба ман диҳед.

Аз он тараф ҳам сухандон будаанд, ки ҷавоб доданд:

- Майлаш, мо боз каме тоқат мекунем, вале ҳамон амалеро раво мебинем, ки нисбати Фирдавсӣ дида буданд.

- Кадом амал?,- пурсид Тилло.

- Фирдавсӣ барои «Шоҳнома» гонорар нагирифт, мо ҳам ба ту гонорар намедиҳем,- ҷавоб доданд аз он тараф.

Баъди ин ҷавоб Тилло аз навиштани мақола тамоман даст кашид.

**Ҷумъа МИРЗО**

## Сканворд

